# Дӯстӣ ва хешовандӣ миёни аҳли байт ва саҳоба

Намунаҳои далолаткунанда
бар робитаҳои самимӣ
миёни аҳли байт ва саҳоба



Таҳия ва танзим
Алӣ ибни Ҳамади Тамимӣ

Баргардонанда
Адҳам Ҳайдарӣ

بسم الله الرحمن الرحيم

Дӯстӣ ва хешовандӣ
миёни

# Аҳли Байт ва Саҳоба

*Намунаҳои далолаткунанда
бар робитаҳои самимӣ
миёни аҳли байт ва саҳоба*

Таҳия ва танзим
Алӣ ибни Ҳамади Тамимӣ

Баргардонанда
Адҳам Ҳайдарӣ

# ПЕШГУФТОР

*Сипосу ситоиш Худовандро, ки Парвардигори чаҳониён, офаридагори замину осмон ва ба вуҷуд оварандаи хайрул башар аст. Дуруду салом ба ҳазрати Муҳаммад алайҳиссалом, ки хотами пайғамбарон ва расулон аст ва ба олу асҳоби эшон.*

*Мӯҷиби сурур ва шодмонӣ аст, ки бо шарофати истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва озодии табъу нашр вақтҳои охир чандин китобҳои ба ҳаёти имрӯзаи мо зарур тарҷума ва ё аз хатти арабӣ ба хати крилӣ бозгардон карда шуда, мавриди истиқболи хайр ва таҳсини мардуми диёр қарор гирифт. Ба назари банда унвони китобе, ки дар даст доред «Дӯстӣ ва хешовандӣ миёни Аҳли Байт ва Саҳоба» мӯҳтавои куллӣ китоб аст, ки насабномаи Пайғамбари Содиқ ва Амин ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад. Имрӯз ҳар як фарди мусалмон бояд аз таърихи ҳаёти Пайғамбар саллалоҳу алайҳи ва салам ва хонадони бо шарофати ӯ ва асҳоби киром ӯ бохабар бошад.*

*Хонандагони азиз! Алоқамандони таърихи дин ва ҳаёти азизон, шумо метавонед матлуби худро аз ин китоб дарёбед. Ин китоб бо тариқи осон баён шуда, шомили санадҳои таърихи ва маълумоти дақиқе мебошад, ки дар он аҳли таърих иттифоқ кардаанд. Итминон ва бовари дорам, ки шумо хонандагони гиромӣ аз ин рисола ба суолҳо ва муаммоҳо оиди дӯстӣ миёни Аҳли Байт ва Асҳоби Киром ҷавоби муносиб ва дақиқро пайдо мекунед. Ёдовар мешавам, ки ин китоб таҳти назорати узви Шӯрои Уламои Дини вилояти Суғд Ҳоҷӣ Хоҷамир Хоҷамиров, аз ҷониби мударриси бахши таҳфизи Қуръони Карим дар мадрасаи "Имом Абӯҳанифа"-и шаҳри Хуҷанд, Адҳам Ҳайдарӣ аз хатти форсӣ бо ҳуруфи крилӣ бозгардон карда шудааст.*

*Раёсати Шӯрои Уламои Дини вилояти Суғд барои чопи ин китоб миннатдории худро баён мекунад, ва аз Парвардигори олам истидъо мекунад, ки чунин китобҳо ба нафъи мардуми мо бошад.*

*Бо эҳтиром,*
*Раиси Шӯрои Уламои Дини вилояти Суғд*
*Номзади улуми суханшиносӣ*
*Ҳоҷӣ Хусайн Мӯсозода*

# ПЕШГУФТОРИ МУАЛЛИФ

Ин намунаҳои хешовандӣ гӯёи муҳаббати ногусастанӣ ва хешовандии бисёр мустаҳкам миёни аҳли байт ва саҳобаи Паёмбар аст. Ин китоб бо далелҳои равшан ва мустаҳкам мавзӯи муҳаббати мавҷуд миёни онҳоро исбот мекунад ҳамон гуна, ки худованд дар васфи онҳо гуфта аст:"Нисбат ба якдигар меҳрубон ва дилсӯзанд".

Зеро онҳо дар беҳтарин замон, яъне замони Паёмбар (с) мезистанд ва дар мадрасии он бузургвор шогирдӣ намуда, тарбият ёфтаанд. Ва баъд аз Паёмбар (с) низ бо ахлоқ ва рафтори хеш ба унвони муаллими ҷомеаи башарӣ пой ба майдон гузоштаанд.

Акнун бо робитаҳои мустаҳками хешовандии сабаби онҳо дар тӯли 5 то 6 насл ишора хоҳем кард, ки ин низ худ далолат бар робитаи ногусастании иҷтимоӣ ва муҳаббати беш аз ҳад миёни онҳо мебошад.

**Чанд нуктаи муҳим дар робита ба ин хешовандӣ:**

1) Ин хешовандии сабабӣ ҳамроҳ бо зикри номи онҳо дар китобҳои шиъа ва китобҳои суннӣ зикр шудааст.
2) Китобҳои таърихӣ ва шарҳи ҳоли гузаштагон ин қазияро ба таври сатҳӣ на пажуҳишӣ мавриди баҳс қарор додаанд. Эҳтимол бисёре аз хешовандиҳои сурат гирифта миёни аҳли байт ва саҳоба дар китобҳои таърихӣ зикр нашуда бошанд, ё шояд аслан ба дасти мо нарасида бошанд.
3) Мавзӯи издивоҷ ва хешовандии сабабӣ дар фарҳанги арабӣ мавзӯи бисёр бо аҳамият буда ва арабҳо ҷуз бо хонаводаи асил ва шарафманд издивоҷ намекарданд. Сипас ислом омад ва зимни таъйиди ин кор тақворо ба унвони меъёри нахусти издивоҷ муаррифӣ намуд. Барои ҳамин интихоби ҳамсар то ба имрӯз як мафҳуми асили исломӣ буда ва боқӣ хоҳад монд.
4) Интихоб кардани ном барои фарзанд яке аз одатҳои башар аст ва хоси мусалмонон нест ва дар ҳар ҷомеъае фард танҳо номи касонеро барои фарзандаш интихоб мекунад, ки баёнгари меҳри қалбӣ ва наздикии фикрӣ ва эътиқодии ӯ нисбат ба онҳо бошад ва ё ин, ки баёнгари ҷойгоҳи иҷтимоии онон бошад.
5) Қабилаи Бани Ҳошим ҷуз бо афроди ҳамсатҳашон аз лиҳози динӣ ва хонаводагӣ издивоҷ намекарданд ва ҳатто ҳукуматдорон дар масъалаи фасхи (бекор) никоҳи қабилаи Бани Ҳошим бо ғайри ҳамсатҳи хеш дахолат мекарданд ва гувоҳҳои таърихӣ роҷеъ ба ин қазия бисёр аст.

Аз худованд хоҳонам, ки ин китобро мавриди истифодаи мардум қарор диҳад ва онро сабаби иттиҳоди мусалмонон бигардонад.
Алӣ ибни Ҳамади Тамимӣ 27.05.2008.

# Хешовандӣ миёни Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва хулафои рошидин разияллоҳу анҳум



# НАМУНАИ АВВАЛ

## Хешовандии сабабӣ миёни Паёмбар (с) ва Хулафои Рошидин

Ин намуна аз робита ва ҳамбастагӣ миёни Паёмбар (с) ва Хулафои Рошидин сухан мегӯяд.

Абӯбакри Сиддиқ нахустин марде аст, ки вориди доираи ислом мешавад ва духтараш Оишаро дар никоҳи Паёмбар (с) дар меоварад, Оиша – ҳамсари сеюми Паёмбар (с) – танҳо дӯшизае аст, ки аз ҳамаи ҳамсарони Паёмбар (с) хурдтар ба сол буда, аз ҳамаи онҳо ҳадисро бисёртар ривоят карда аст. Саҳобагон бисёр вақт барои ҳалли қазия ва масъалаҳои муҳим ба ӯ муроҷиат мекарданд ва аз фатвои ӯ истифода менамуданд. Оиша, ки дар соли 57 ҳиҷрӣ вафот намуд, ба муддати 9 сол ҳамсари Паёмбар (с) буд. То охирин рӯзҳои ҳаёти Паёмбар (с) Оиша ба унвони ҳамсари меҳрубон боқӣ монд ва Паёмбар (с) дар манзили ӯ ва дар навбати ӯ вафот кард ва дар ниҳоят низ дар хонаи ӯ дафн шуд. Ин баёнгари наздикии вай бо Паёмбар (с) мебошад ва нишонаи розигӣ ва хушнудии Паёмбар (с) аз ӯст. Аз ин рӯ Абӯбакр ба унвони падарарӯси Паёмбар (с) шинохта мешавад ва баъд аз вафот низ рафоқати ӯ бо эшон идома пайдо мекунад ва дар канори Расули Худо дафн мешавад.

Лозим ба ёд оварист, ки Худованд ҳаргиз розӣ намешавад, ки касе дар канори Паёмбар (с) дафн шавад, магар ин ки фарди мӯъмину бузургвор бошад.

Аммо Умар ибни Хаттоб касе аст, ки Паёмбар (с) дар соли сеюми ҳиҷрӣ бо духтари мӯъмини эшон (Ҳафса) издивоҷ мекунад ва то рӯзе, ки Паёмбар (с) вафот мекунанд, Ҳафса ба унвони ҳамсари хидматгор ба соҳати пок ва муқаддаси Паёмбар (с) боқӣ мемонад. Сипас ба унвони фарди амин ва шоиста муаррифӣ мешавад ва муҳофазат аз Қуръоне, ки ба воситаи Абӯбакр ва саҳобагон ҷамъоварӣ шуда буд, ба ӯҳдаи вай гузорида мешавад.

Умари Форуқ аз ибтидои ислом то ба имрӯз ва то рӯзи қиёмат ёр ва ёвари Паёмбар (с) хоҳад буд. Вай дар ҳамон хона ва дар канори Паёмбар (с) дафн шуда аст ва ин гувоҳи бузург возеҳ ва равшан бар робита ва дӯстии онҳо бо ҳам мебошад.

Дӯстӣ ва хешовандӣ миёни
аҳли байт ва саҳоба

# Духтарони Паёмбар (с)

## Зайнаб

(разияллоҳу анҳо)

-Бузургтарин духтари Паёмбар.
-10 сол пеш аз биъсати Паёмбар таваллуд шуд.
-Писари холааш Абӯос ибни Рабеъ пеш аз ислом бо вай издивоҷ кард.
-Дар ҳаёти Паёмбар дар соли 8 ҳ. Бар асари поён афтодан аз уштур тавассути мушрикини қурайш вафот кард.
-Фарзандонаш Алӣ (дар кӯдакӣ вафот кард). Умома, ки Алӣ (р) баъд аз вафоти Фотима бо вай издивоҷ кард.

*Хадиҷа бинти Хувайлид (р) сарвари занони олам ва модари мӯъминон модари инҳо аст.*

## Умми Кулсум

(разияллоҳу анҳо)

-Духтари саввуми Паёмбар
-Пеш аз биъсат баъд аз Руқайя таваллуд шуд.
-Усмон (р) баъд аз вафоти хоҳараш Руқайя бо вай издивоҷ кард ва ба ҳамин хотир лақаби "Зиннурайн" ро гирифт.
-Дар ҳаёти Паёмбар (с) дар моҳи шаъбони соли 9 ҳ. вафот кард.
-Фарзанде надорад.

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِىُّ قُل لِّأَزْوَٰجِكَ

وَبَنَاتِكَ

وَنِسَآءِ ٱلْمُؤْمِنِينَ يُدْنِينَ

عَلَيْهِنَّ مِن جَلَـٰبِيبِهِنَّ

Эй Паёмбар ба занон ва духтаронат ва ба занони мӯъмин бигӯ, ки рӯйсарҳои худро бар худ фурӯ афкананд.

Сураи аҳзоб ояти 59

## Фотима

(разияллоҳу анҳо)

-Сарвари занони олам.
-Кӯчактарин духтари Паёмбар(с).
-Як сол пеш аз биъсати Паёмбар (с) таваллуд шуд.
-Алӣ дар соли 2 ҳ. бо вай издивоҷ кард.
-Дар рамазони соли 11 ҳ. вафот кард.
-Фарзанди вай Ҳасан ва Ҳусайн сарвари ҷавонони ҷаннат ва Зайнаб ва Умми Кулсум.

*Ҳамаашон аз занони мӯъмин ва муҳоҷир буданд разияллоҳу анҳунна.*

## Руқайя

(разияллоҳу анҳо)

-7 сол пеш аз биъсат таваллуд шуд.
-Ҳамроҳ бо ҳамсараш Усмон ба Ҳабаша ҳиҷрат кард.
-Пас аз касалӣ дар замони ҷанги Бадр вафот кард.
-Фарзанде ба номи Абдуллоҳ дошт, ки соли 6 ҳ. Вафот кард.

## Масодир ва мароҷеъ:


1-Сираи Ибни Ҳишом.
2-Таърихи ислом (Заҳабӣ)
3-Таърихи Димашқ. (Ибни Асокир)
4-Албидоя ван ниҳоя (Ибни Касир)
5-Ал-исоба (Ибни Ҳаҷар)
6-Ал-истеъоб (Ибни Абдулбарр)
7-Усудул-ғоба (Ибни Асир)
8- Ал-хисол (Садуқ)
9-Таҳзибул-аҳком (Тӯсӣ)
10-Шарҳи усули кофӣ (Мозандаронӣ)
11-Тоҷул-мавоилд (Табарсӣ)
12-Тоҷу мавоидила аиммаҳ (Ибни Ҳашшоб)
13-Маноқиби оли аби толиб (Ибни Шаҳрошӯб)
14-Ал-масоил ас-саравия (Муфид)
15-Мустадракоти илми риҷол (Шоҳрудӣ)
16-Ал-муқниаҳ (Муфид)
17-Ал-мабсут (Тӯсӣ)
18-Мисбоҳул-муҷтаҳид (Тӯсӣ)
19-Тазкиратул-фуқаҳо (Ҳиллӣ)
20-Қурбул-иснод (Ҳимяриӣ Қумӣ)
21-Муъҷами риҷоли ҳадис (Хӯӣ)
22- Биҳорул-анвор (Маҷлисӣ)
23- Васоилуш шиъа (Ҳурри Омилӣ)
24- Ал-истибсор (Тӯсӣ)
25- Ал-ҳадоиқун нозира (Баҳронӣ)
26- Мунтаҳал-матлаб (Ҳиллӣ)
27- Қомуси риҷол (Тустарӣ)

## НАМУНАИ ДУВВУМ

### Духтарони Паёмбар (с).

Ин намуна дар робита ба шарҳи ҳоли духтарони Паёмбар (с) аст. Ҳамаи онон духтарони мӯъмин буданд, ки дар роҳи худо ҳиҷрат карданд ва модари онон сарвари занони ҷаҳон Хадиҷа аст.

Бузургтарини онҳо Зайнаб аст. Вай 10 сол пеш аз биъсат таваллуд шуд ва бо писари холааш Абулъос ибни Рабеъ аз қабилаи Абдуманоф (яъне амакбачаҳои Паёмбар (с)) издивоҷ кард. Аз ин издивоҷ писаре ба номи Алӣ ёфт, ки дар кӯдакӣ вафот кард ва духтаре ба номи Умома. Ин ҳамон духтарест, ки Алӣ баъд аз вафоти Фотима ӯро ба никоҳи худ даровард.

Сипас ҳафт сол пеш аз биъсат Руқайя машҳур ба "зотул ҳиҷратайн" таваллуд шуд. Вай баъд аз талоқ шудан аз писари Абӯлаҳаб бо Усмон ибни Аффон издивоҷ кард ва бо ӯ ба Ҳабаш ҳиҷрат кард. Фарзанде ба номи Абдуллоҳ таваллуд кард, ки дар кӯдакӣ вафот кард. Сипас ҳамроҳи шавҳараш ба Мадина ҳиҷрат кард ва дар соли дуввуми ҳиҷрӣ вафот кард.

Умми Кулсум баъд аз Руқайя таваллуд шуд. Ба Мадина ҳиҷрат кард ва баъд аз вафоти хоҳараш ба никоҳи Усмон даромад. Аммо фарзанде наёфт. Дар соли нӯҳуми ҳиҷрӣ вафот кард.

Баъд аз онҳо сарвари занони ду ҷаҳон ва модари ду дурдонаи Паёмбар (с) "Ҳасан ва Ҳусайн" Фотимаи Заҳро таваллуд шуд. Ӯ як сол пеш аз биъсат чашм ба дунё кушод. Хурдтарин духтари Паёмбар (с) аст. Аммо аз ҷиҳати фазл аз ҳамаи онҳо бартарӣ дорад. Соли дуввуми ҳиҷрӣ бо халифаи рошид ва имоми одил Алӣ издивоҷ кард ва шаш моҳ пас аз вафоти Паёмбар (с) дар соли 11 вафот кард.

Ҳама духтарони Паёмбар (с) ба ғайр аз Фотима дар ҳаёти Паёмбар (с) аз дунё рафтанд. Тибқи манбаъҳои таърихӣ ҳамаи онҳо духтарони Паёмбар (с) ҳастанд ва аз он ҷо, ки дар Қуръон аз калимаи "банотика" (духтарони ту) истифода шуда, баёнгари сиҳҳати он гувоҳи таърихӣ аст. Зеро калимаи "духтаронат" ҷамъ аст, ин сиға барои ифодаи шакли ҷамъ истифода мешавад, на фарди танҳо, ҳамчуноне ки суннати Паёмбар (с) ва иҷмоъи уламо бар он далолат мекунад.

Хонандаи гиромӣ! Тибқи он чӣ мо дар намунаи шумораи 27 аз манобеи мухталиф дар мавриди ин воқеъияти таърихӣ барои шумо нақл кардаем, пай мебарем, ки он чи ба воситаи баъзеҳо тарвиҷ ва шоеъ мегардад, ки танҳо Фотима духтари Паёмбар (с) буда, хатои фоҳиш аст ва асосе надорад.

# *Издивоҷи бобаракати*
# *Алӣ ибни Абӯтолиб ва Фотимаи Заҳро*
# *разияллоҳу анҳумо*



**Замон ва макон:**
Соли 2 ҳ. баъди бозгашт аз ҷанги Бадр дар Мадина



**Хостгорҳо:**
Абӯбакри Сиддиқ, Умари Форуқ ва Саъд ибни Муоз аз вай барои ҳазрати Алӣ хостгорӣ карданд. (1)



**Маҳрия:**
Зарраи Ҳутамӣ, ки ба ҳазрати Усмон ба 400 дирҳам фурӯхта буд ва ҳазрати Усмон пас аз пардохти пул зарраеро низ ба унвони ҳадия ба вай баргардонида буд (4)



**Таоми арӯсӣ:**
Саъд гӯсфандеро барои ғизои арӯсӣ сар бурид ва баъзе аз ансор низ миқдоре ҷаварӣ барои ғизои арӯсӣ тақдим карданд. (2)



**Хона:**
Яке аз асҳоб ба номи Ҳориса ибни Нӯъмони Ансорӣ хонае ба онҳо ҳадя дод. (3)(5)



**Лавозимоти хонаи арӯс:**
Абӯбакри Сиддиқ, Билол ва Салмони Форсӣ бар асоси раҳнамоии Паёмбар лавозимотро хариданд, ки иборат аз фарш, болишти чарм, зарфе барои об, кӯза, ҷомаи хайбарӣ ва асо буд. (4)

**Масодир ва мароҷеъ:**



(1) Кашфулғумма (Арбалӣ 1\343)



(2) Фазоили саҳоба (Аҳмад ибни Ҳанбал ҳадиси 1178)



(4) Биҳорул-анвор (Маҷлиси 43\130)



(3) Биҳорул-анвор (Маҷлиси 19\113)



(5) Табақоти кубро (Ибни Саъд 8\329)

# НАМУНАИ СЕЮМ

## Издивоҷи Алӣ бо Фотима

Дар ин намуна тасвир ва манбаъҳое дар поёни сафҳа нақл хоҳад шуд, ки гувоҳ бар онанд, ки  дар издивоҷи Алӣ бо Фотима баъзе саҳобагон нақши муассир доштаанд. Оё ҷуз муҳаббат ва дӯстӣ миёни онҳо чӣ ангезаи дигаре барои ин кор вуҷуд дорад? Инак далелҳое бар нақши саҳоба пешкаши шумо мешавад.

1. Абӯбакр, Умар, Муоз касоне буданд, ки соли дуввуми ҳиҷрӣ Алӣро барои издивоҷ бо Фотима ташвиқ карданд.
2. Касе, ки ба ҷои Алӣ маҳри Фотимаро пардохт, Усмон ибни Аффон буд. Қазия аз ин қарор буд, ки Усмон ба қимати 400 дирҳам аз Алӣ ҷавшане мехарад ва ҳангоме, ки Алӣ пулро мегирад, Усмон ба ӯ мегӯяд: "Ин ҷавшан барои ту ҳадя аст". Оре бо ҳифзи каромат ва иззати нафси Алӣ ва ба дурӣ аз миннат ва такаббур аз ҷониби Усмон маҳрияи Фотима муҳайё шуд.
3. Чун Ансор низ аз ин издивоҷ розӣ ва хушнуд буданд, Саъд гӯсфандеро забҳ кард ва ҷашни арӯсие ба роҳ андохт ва баъзе аз Ансор низ бо фароҳам кардани ҷуворимакка ба ҷашн саҳмгузор шуданд.
4. Ҳанӯз кӯмак ва ёрии Ансор ба поён нарасида, инак Ҳорис ибни Нӯъмони Ансорӣ манзили маскунии хешро, ки дар ҳамсоягии манзили Паёмбар (с) буд ба унвони ҳадя ба Алӣ ва Фотима тақдим мекунад.
5. Дар поён саҳоба ва сардори онҳо Абӯбакр лавозимоти ин наварӯсонро фароҳам мекунад.

Ба назари шумо ғайр аз муҳаббату дӯстӣ ва вафодорӣ ба Паёмбар (с) чӣ чизе барои анҷом додани ин кор  онҳоро ташвиқ мекард? Ва чӣ ангеза ва умеди дигаре дар ин кор нақш дошт?

# Номҳое, ки Алӣ (р) ва фарзандонаш онҳоро интихоб кардаанд ва бо он ифтихор мекарданд.

Муҳаббат ва дӯстӣ миёни саҳоба ва аҳли байт боис шуд, ки Алӣ фарзандон ва наберагон, писарон ва духтаронашонро ба номҳои саҳобагон номгузорӣ кунанд. Зеро инсон ҷигаргӯшаҳояшро ба номҳои касоне, ки аз онон нафрат доранд, номгузорӣ намекунанд, балки беҳтарин номҳоро, ки бароящон бо арзиш ҳастанд, интихоб мекунанд.




Нуктаи муҳим: Ин шаҷара дарбаргирандаи баъзе аз исмҳо ва силсиланасабҳост, на ҳамаи онҳо. Номҳои бисёре аз фарзандон ва наберагони Алӣ (р) ба мисли Фотима, Ҷаъфар ва Зайнаб ба иллати камбудии ҷой зикр нашудааст.

Саҳоба — Робитаи падару фарзандӣ

5-Мақотилут – толибин (Исфаҳонӣ)
6-Мӯъҷами риҷол (Хӯй)
7-Ҷамҳараи ансоби араб (Ибни Ҳазм)
8-Мунтаҳал омол (Аббоси Қумӣ)
9-Мустадракоти илми риҷо (Шоҳрудӣ)
10-Насаби Қурайш (Ибни Баккор)
11-Кашфул Ғумма (Арбалӣ)
12-Ансобул Ашроф (Билозурӣ)

## НАМУНАИ ЧАҲОРУМ

### Номҳое, ки мавриди писанди Алӣ ва фарзандонаш буданд

Бо диққат ба ин шаҷараи муборак бингар.

Абӯбакр, Умар ва Усмон дар саҳнаи "Карбало" ширкат доранд ва шаҳид мешаванд.

Чӣ тавр? Барои ёфтани ҷавоб моро ҳамроҳӣ кун.

Абӯбакр фарзанди Алӣ ибни Абӯтолиб ва бародарзодааш Абӯбакр ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Абӯтолиб, Умар ибни Ҳасан ва Умар ибни Ҳусайн ҳамроҳи ду амаки худ Аббос ва Усмон ду фарзанди Алӣ ибни Абӯтолиб аз ҳамсараш Уммул Банини Килобӣ дар майдони "Карбало" ҳузур доштанд.

Ва ин нуктаро фаромӯш накунем, ки Умар ибни Алӣ ибни Абӯтолиб баъд аз ҳама фарзандони Алӣ вафот мекунад ва Умар ва Усмон ду фарзанд аз фарзандони Алӣ ибни Ҳусайн ҳастанд.

Балки ин масъала то насли шашум давом мекунад ва Мӯсои Козим ду фарзанд аз фарзандонашро Абӯбакр ва Умар меномад.

Оё барои тавзеҳи ин масъала мехоҳед аз миёни фарзандони Аҳли байти Паёмбар (с) –он хонадони пур аз муҳаббат ва ҳамбастагӣ ононе, ки бештар аз ҳар каси дигаре ба фазилату дӯстии муҳоҷир ва ансор бо бобояшон Паёмбар (с) огоҳӣ доштанд – афроди бештареро муаррифӣ кунам?

Инак шиносоии бештар:

Оиша духтари Имом Ҷаъфари содиқ!

Оиша духтари Мӯсои Козим!

Оиша духтари Имом Ризо!

Оиша духтари Имоми Ҷавод!

Хонандаи гиромӣ! Аз хондани китобҳои мӯътабар ва мавриди эътимоди исломӣ теъдоди бисёр бештаре аз ин робитаҳои хонаводагӣ миёни Аҳли байту саҳоба ва интихоби ин номҳо барои фарзандонашон мушоҳида мешавад. Ҳол мехоҳед суханони мустаршриқини кинатӯз ва баъзе ҷоҳилонро таъйид кунем, ки эълом медоранд миёни онон адовату душманӣ вуҷуд дошта аст.

Худовандо! Аз Ту мехоҳам мусалмононро аз васваса, дасиса, ва тавтиаи онон нигаҳ дор.


Дӯстӣ ва хешовандӣ миёни аҳли байт ва саҳоба
Хешовандии сабабӣ (қудогӣ) миёни хонадони Паёмбар (с) ва Абӯбакри Сиддиқ (р)
Абдулмутталиб
Абӯтолиб
Абдуллоҳ
Муҳаммад (с)
Қабл аз хиҷрат бо Оиша издивоҷ карда ва то вафот ҳамсараш буд
1а
Ҷаъфар
Абдуллоҳ
Исҳоқ
3а
Алӣ
Ҳасани Сибт
2а
Ҳусайни Шаҳид
Ҳасани Мусанно
Алии Зайнулобидин
Абдуллоҳи Маҳз
Муҳаммади Боқир
4а
Мӯсо
5а
Абдуллоҳ
Исҳоқ *
6а
Ин шаҷара, ки бар асоси китобҳои таърихӣ аст, нишондиҳандаи он аст, ки аҳли байт ва асҳоб фарзандонашонро ба номҳои ҳамдигар номгузорӣ мекарданд ва робитаҳои хешовандӣ қабл ва баъд аз иттифоқоти мазкур дар зер идома дошта, ки нишоне аз робитаи самимии аҳли байт, асҳоб, тобиин ва афроди баъд аз онон мебошад. Пас бояд аз таҳрифоте, ки дар таърих аст, парҳез кард.
Абӯбакри Сиддиқ
1б
Оиша
Модари Мӯъминон
Муҳаммад
Абдурраҳмон
Қосими Фақеҳ
2б
Ҳафса
Абдуллоҳ
4б
Умми Фарва
Умми Ҳаким
3б
Талҳа
Абдурраҳмон
Муҳаммад
Исмоил
5б
Умми Салама
6б
Кулсум
Раҳнамо: Барои фаҳми беҳтари шаҷара барои шавҳарҳо аз ҳарфи "А" ва барои ҳамсарон аз ҳарфи "Б" истифода шудааст ва ҳар як издивоҷ бо як адад масалан "1" мушаххас гардидааст.
Мисол: 1а бо 1б издивоҷ кардааст.
Санади издивоҷҳои боло ба василаи муаллифҳои зер зикр шудааст. Шайх Муфид (в. 313 ҳ.) дар Ал иршод саҳ. 278, Ибни Анба (в. 828 ҳ.) дар Умдатут толиб саҳ. 225, Ибни Тақтақи (в. 709 ҳ.) дар "Асилӣ" саҳ. 140 ва Мусъаби Зубайрӣ
Вокеъаҳои муҳимми таърихӣ.
1- Вафоти Паёмбар
2- Сақифа дар соли 11 ҳ.
3- Ҷанги "Ҷамал" соли 36 ҳ.
4- Ҷанги "Сиффин" соли 37 ҳ.
5- Шаҳид шудани ҳазрати Алӣ соли 40 ҳ.
6- Вафоти Ҳасан ибни Алӣ соли 49 ҳ.
7- Шаҳид шудани Ҳусайн дар Карбало

## НАМУНАИ ПАНҶУМ

### Хешовандии сababӣ миёни хонадони Паёмбар (с) ва Абӯбакр

Ин намуна аз вуҷуди шаш хешовандии сababӣ миёни хонадони Паёмбар (с) ва Абӯбакр парда бармедорад.

Шарифтарини онҳо издивоҷи Паёмбар (с) бо Оиша аст, ки як сол қабл аз ҳиҷрат сурат гирифт ва дар соли дуввуми ҳиҷрӣ ба хонааш рафт ва чуноне, ки баён кардем, то рӯзи вафот дар хонааш боқӣ монд. Оё робитаи ин ду хонадон дар ин издивоҷ хулоса мешавад? Ҳаргиз! Набера ва дурдонаи Паёмбар (с) Ҳасан ва дар бархе манобеъ Ҳусайн низ бо набераи Абӯбакр Ҳафса бинти Абдурраҳмон издивоҷ мекунад.

Сипас аз миёни насли Ҳасан (Мӯсои Ҷавн) писари Абдуллоҳи (Маҳз) писари Ҳасани (мусанно) бо Умми салама духтари Муҳаммад ибни Талҳа ибни Абдуллоҳ ибни Абдурраҳмон ибни Абӯбакр издивоҷ мекунад.

Аз миёни насли Ҳусайн дар соли 80 ҳиҷрӣ Боқир бо Умми Фарва духтари Қосим ибни Муҳаммад ибни Абӯбакр издивоҷ мекунад, ки Ҷаъфари Содиқ натиҷаи он издивоҷ мебошад.

Ва ба ҳамин сурат Исҳоқ ибни Абдуллоҳ ибни Алӣ ибни Ҳусайн бо Кулсум духтари Исмоил ибни Абдурраҳмон ибни Қосим ибни Муҳаммад ибни Абӯбакр издивоҷ мекунад. Ва аз миёни хонаводаи Ҷаъфари Тайёр Исҳоқ ибни Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар бо Умми Ҳаким духтари Қосим ибни Муҳаммад ибни Абӯбакр ва хоҳари Умми Фарва (модари Имом Содиқ) издивоҷ мекунад. Пас Умми Ҳаким холаи Ҷаъфари Содиқ аст.

**Дар намуна нуктаҳои зер қобили мулоҳаза аст:**

– Бештари ин хешовандиҳо баъд аз вафоти Абӯбакр сурат гирифта, пас ба таври қатъӣ ғайр аз муҳаббат ва дӯстӣ миёни ин ду хонадони арҷманд ҳеҷ гуна мақому мансаби сиёсӣ иҷтимоӣ ва ғ… дар ин издивоҷҳо нақш надошт.

– Ҳама мардҳо аз Аҳли байти Набавӣ ва занҳо аз хонадони Абӯбакр буданд ва он чи возеҳ ва равшан аст, ин ки ҳамеша мард ба хостгории зан меравад бинобар ин Аҳли байт хоҳони ин робитаи хонаводагӣ бо хонадони Абӯбакр буданд.

– Идомаи ин издивоҷҳо баъд аз рӯйдодҳои гуногуне ҳамчун: Сақифа, Сиффин, Ҷамал, Карбало ва ғ… далели равшане аст бар ин, ки ҳар чанд ин рӯйдодҳо аз ҷониби мустаршиқин ва баъзе ҷоҳилон бузург ҷилва дода шудаанд, аммо умmати исломӣ ба таври ом ва аҳли байт ба таври хос ин ихтилофро нодида гирифта ва аҳамияте барои он қоил нестанд. Вагарна иштибоҳоти бисёр возеҳ ва равшани таърихӣ дар асри Паёмбар (с) ва хулафои рошидин дида мешавад, ки барои тавсиъаи доираи адоват ва хусумат ва дар ниҳоят барпоии фитна ва ошӯб ва пошидани тухми ихтилофот роҳи бисёре густардаро пеши роҳи онон қарор дода буд.

## *Имом Ҷаъфари Содиқ ҳамеша бо ифтихор мегуфт:*

**«ولدني أبو بكر الصدّيق مرتين»***

*(Ман аз ду ҷиҳат фарзанди Абӯбакри Сиддиқ ҳастам)*

**Ҷиҳати аввал:** аз тариқи модари Имом Ҷаъфари Содиқ Умми Фарва бинти Қосим ибни Муҳаммад ибни Абӯбакри Сиддиқ.
**Ҷиҳати дуввум:** аз тариқи модаркалони Имом Ҷаъфари Содиқ Асмо бинти Абдураҳмон ибни Абӯбакри Сиддиқ.




**Худованд мефармояд: Муҳаммад расули Худост. Ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд, дар баробари куффор сарсахту шадид ва дар миёни худ меҳрубонанд. (сураи фатҳ ояти 29)**
**Ва Худованд мефармояд: Ман ҳеҷ подоше аз шумо дар рисолатам дархост намекунам ҷуз дӯст доштани ман ба ҳаққи қаробат. (сураи шуро ояти 23)**
***Ин шаҷара баёнгари он аст, ки аҳли байт ва саҳоба бо ҳам ихтилоф надоштанд ва фарзандонашонро ба номи якдигар мегузоштанд ва номгузорӣ мекарданд ва издивоҷ байни онҳо қабл ва баъд аз фитна сурат мегирифтааст. Ин гувоҳи робитаи самимии онҳост, пас аз масъалаҳои таҳрифшуда дар таърих парҳез кунед.***

**Воқеъаҳои муҳимми таърихӣ:**

1- Вафоти Паёмбар (с) дар соли 11 ҳ.
2- Сақифа дар соли 11 ҳ
3- Воқеъаи Ҷамал дар ҷимодул охир соли 36 ҳ.
4- Воқеъаи Сиффин дар соли сафари соли 37 ҳ.
5- Шаҳид шудани Алӣ (р) дар рамазони соли 40 ҳ.
6- Вафоти Ҳасан ибни Алӣ (р) дар соли 49 ҳ.
7- Шаҳид шудани Ҳусайн ибни Алӣ (р) дар Карбало, муҳарами соли 61 ҳ.

# НАМУНАИ ШАШУМ

## Ман аз ду ҷиҳат фарзанди Абӯбакр ҳастам

Ба ин намуна таваҷҷӯҳ кун, нуктаи бисёр ҷолиберо дар худ дорад.

Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абутолиб, ки лақаби "Содиқ" дорад, ба бобои худ (Абӯбакри Сиддиқ) фахр мекунад ва бо ӯ меболад ва бо ифтихор эълон мекунад, ки аз ду ҷиҳат фарзанди Абӯбакр ҳастам:

Ҷиҳати нахуст: Содиқ аз тариқи модараш Умми Фарва духтари фақеҳи мардуми Мадина Қосим ибни Муҳаммад ибни Абӯбакр ба бобои худ Абӯбакри Сиддиқ мерасад.

Ва ҷиҳати дигар он аст, ки модари Умми Фарва Асмо духтари Абдурраҳмон ибни Абӯбакри Сиддиқ аст.

Оё Содиқ ба касе ғайр аз аҳли тақво ифтихор мекунад?

Чаро Боқир бо Умми Фарва издивоҷ кард?

Хонандаи гиромӣ! Оё медонӣ, ки ин робитаи хешовандӣ миёни ин ду хонадонӣ шариф то ҳафтод сол баъд аз вафоти Абубакр идома дошт?

Онҳо ғайр аз муҳаббат ва интихоби ҳамсарони наҷиб ва модарони шариф барои фарзандонашон ҳеҷ гуна ангезаи сиёсӣ ва иҷтимоъи надоштанд.

Оре, натиҷаи издивоҷи онҳо имоми бузургворе ҳамчун Имоми Содиқ аст.

Имом Содиқ бо вуҷуди шӯҳрате, ки дар боби фиқҳ ва илм дорад, дар китобҳои саҳеҳи муслим ва сунани чаҳоргон низ ҳадисҳои саҳеҳе аз эшон ривоят шуда аст.

Бояд ҳам ин тавр бошад, зеро падари эшон Имом Боқир аст ва бобояш фақеҳи мадина Қосим ибни Муҳаммад аст ва дар маъдини илму дониш (Мадинаи Набавӣ) рушд карда ва дар ниҳоят низ дар он ҷо аз дунё рафтааст.

# Хешовандӣ миёни хонадони Паёмбар (с) ва хонадони Умари Форуқ




**Нуктаи муҳим: Ин шаҷара дарбаргирандаи баъзе аз хешовандиҳо ва насабҳост, на ҳамаи онҳо.**

Худованд мефармояд: Муҳаммад расули Худост. Ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд, дар баробари куффор сарсахту шадид ва дар миёни худ меҳрубонанд. (сураи фатҳ ояти 29)
Ин шаҷаранома, ки бар асоси китобҳои таърихии мусалмонон аст, робитаи самимӣ миёни аҳли байт ва асҳоб ва хонадони онҳоро дар тӯли таърих нишон медиҳад. Пас бояд аз масоили таҳрифшуда дар таърих парҳез кард.

Як хел будани шумора, шакл ва ранг нишондиҳандаи хешовандӣ миёни он ду шахси бузургвор аз аҳли байти Паёмбар ва хонадони Умар аст.

## Муҳимтарин мароҷеъ ва масодир:

1- Ал маориф (Ибни Қутайба)
2- Аттабақот (Ибни Саъд)
3- Васоилуш шиъа (Омилӣ)
4- Насаби Қурайш (Зубайрӣ)
6- Ансоби ашроф (Билозурӣ)
7- Мухталафуш шиъа (Ҳиллӣ)
8- Биҳорул анвор (Маҷлисӣ)
9- Мабсут (Тӯсӣ)

## НАМУНАИ ҲАФТУМ

### Хешовандии сабабӣ миёни хонадони Паёмбар (с) ва хонадони Умар

Китобҳои навишта шуда дар насабшиносӣ ва муаррифии ровиён аз робитаи хешовандӣ миёни хонадони Паёмбар (с) ва хонадони Умар парда бардоштаанд. Маъруфтарини ин робитаҳо издивоҷи Паёмбар (с) бо модари мӯъминон Ҳафса духтари Умар аст. Ин издивоҷи муборак соли 3 юми ҳиҷрӣ баъд аз шаҳид шудани шавҳари Ҳафса дар ҷанги Бадр сурат гирифт.

Аммо хешовандии дуввум издивоҷи Умар бо Умми Кулсум духтари Алӣ ва Фотимаи Заҳро ва набераи Паёмбар (с) аст, ки дар соли 20 ҳиҷрӣ сурат гирифт. Умми Кулсум дар замони ҳаёти Паёмбар (с) таваллуд шуда буд. Ҳангоме, ки баъд аз намози субҳ падари Умми Кулсум ба дараҷаи шаҳидӣ ноил шуд, Умми Кулсум мегӯяд:" Намози субҳ мехоҳад бо ман чӣ кунад?"

Вай бо овардани ин ибора мехост ба шаҳид шудани шавҳараш Умар ишора кунад, ки дар намози субҳ ба дасти Абӯлуълуи Маҷусӣ шаҳид шуд ва падараш Алӣ низ баъд аз намози субҳ ба дасти Абдурраҳмон ибни Мулҷам шаҳид шуд. Ва хости худованд бар он буд, ки писараш (Зайд ибни Умар) низ дар аснои намози субҳ ҷон бисупорад, яъне дар ҳамон лаҳзае, ки Умми Кулсум ҷон дод, Зайд низ вафот кард.

Баъд аз шаҳид шудани Умар ибни Хаттоб, Умми Кулсум бо Авф ибни Ҷаъфар ибни Абӯтолиб издивоҷ кард. Баъд аз он, ки Авф низ вафот намуд, бо бародари Авф (Муҳаммад) издивоҷ кард. Баъд аз вафоти вай низ бо Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар издивоҷ кард ва дар манзили ӯ вафот намуд. Умми кулсум мегуфт:

"Аз Асмо духтари Умайс (модари шавҳараш, яъне хушдоманаш) хиҷолат мекашам, чун ду то аз фарзандаш назди ман вафот карданд. Аз вафоти севвумин низ тарс дорам". Лозим ба зикр аст, ки Умми Кулсум барои ҳеҷ кадом аз фарзандони Ҷаъфар фарзанде ба дунё наовард.

Аммо иртиботи хешовандии дигари ин ду хонадони бузург дар насли панҷум яъне дар миёни набераи набераҳояшон, дар ин замон Ҳусайн ибни Алӣ ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб бо Ҷувайрия духтари Холид ибни Абӯбакр ибни Абдуллоҳ ибни Умар издивоҷ мекунад ва барои бори дигар ин робитаи хешовандӣ ва бародарӣ ва муҳаббатро тақвият мекунанд.

## *Зайд ибни Умар ибни Хаттоб(р) бо ифтихор мегуфт:*

# *Ман фарзанди ду халифа ҳастам.*




**Зайд ва модараш Умми Кулсум дар як соат тақрибан соли 45 ҳ. Вафот кард.**

---

**Худованд мефармояд: Муҳаммад расули худост. Ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд, дар баробари куффор сарсахту шадид ва дар миёни худ меҳрубонанд. (Сураи фатҳ ояти 29)**
**Бо ин издивоҷ марочеъи мусалмонон ба муҳаббати шадид ва ногусастарин байни Умар ва Алӣ гувоҳӣ доданд. Пас бояд аз масоили таҳрифшудаи таърихӣ парҳез кард.**

---

### Муҳимтарин марочеъ, ки ин издивочро зикр карданд:

1- Ал асилӣ (Ибни Тақтақӣ)
2- Биҳорул анвор (Маҷлисӣ)
3- Ал бидоя ван ниҳоя (Ибни Касир)
4- Таърихи ислом (Заҳабӣ)
5- Таърихи Димашқ (Ибни Асокир)
6- Аз зариъа (Оғобузурги Теҳронӣ 5\184)
7- Аъёну шиъа (Мӯҳсини Амин 3\486)
8- Риёзул масоил (Таботабоӣ 12\664)
11- Кашфул лисом (Ҳиндӣ 9\525)
12- Кифоятул аҳком (Сабзовӣ 2\879)
13- Ал вофӣ фил вафоёт (Сафдт 15\23)
14- Васоилуш шиъа (Ҳурри Омилӣ 26\314)
15- Мухталафуш шиъа (Ҳиллӣ 2\308)
9- Сияри аъломи нубало (Заҳабӣ 3\502)
10- Табақот (Ибни саъд 8\463)

## НАМУНАИ ҲАШТУМ

### Ман фарзанди ду халифа ҳастам

Зайд писари Умар ибни Хаттоб ба ду падари худ (Умар ва Алӣ) фахрида мегуфт: "Ман фарзанди ду халифа ҳастам". Зеро модараш ҳамон гуна, ки ишора кардем, Умми Кулсум духтари Алӣ ва Фотима буд.

Ҳокими Нишопурӣ бо зикри номи ровиён аз Ҷаъфари Содиқ аз Имоми Боқир ривоят кард, ки Умар аз Алӣ Умми Кулсумро хостгорӣ кард ва гуфт: "Ӯро ба никоҳи ман даровар". Зеро ба Худо савганд тавре аз ӯ муҳофизат мекунам, ки ҳеҷ кас натавонад он гуна аз вай муҳофизат кунад. Пас Алӣ духтарашро ба никоҳи Умар даровард. Умар баъд аз никоҳи Умми Кулсум назди муҳоҷирин рафт ва гуфт: "Чаро ба ман табрик намегӯед?" Гуфтанд: Чӣ шуда аст? Гуфт: Бо Умми Кулсум духтари Алӣ ва Фотима издивоҷ кардам. Аз Паёмбар (с) шунидам, ки мефармуд: "Дар рӯзи қиёмат ҷуз хешовандии насабӣ ва сababӣ аз тариқи ман ҳар гуна хешовандии насабӣ ва сababӣ қатъ мешавад". Ва Умар афзуд: "Аз ин рӯ хостам миёни худ ва хонадони худ ва Паёмбар (с) хешовандии сababӣ ва насабӣ барқарор созам".

Натиҷаи ин издивоҷ ду фарзанд ба номҳои Зайд ва Руқайя буд. Зайд дар ҷавонӣ вафот кард. Ҳодисаи марги ӯ бар асари ихтилофе буд, ки миёни ду хонавода аз хонаводаҳои амакаш ба вуҷуд омада буд. Вай барои сулҳ миёни онҳо берун рафт, ки ногаҳон зарбаи номаълуме ба сараш мехӯрад. Баъд аз он тӯле намекашад, ки Зайд ва модараш дар соли 45 ҳиҷрӣ дар як лаҳза аз дунё мераванд.

Бародараш Абдуллоҳ ибни Умар бар ӯ намоз хонд ва Ҳасан ва Ҳусайн (тағоҳои Зайд) низ пушти сари ӯ (Абдуллох) бар ӯ намоз гузориданд.

Руқайя духтари Умар ва Умми Кулсум низ бо шахсе аз қабилаи Бани Адӣ бо номи Иброҳим ибни Наъим ибни Нуҳом издивоҷ кард.

# Усмон (р) дар манзили набавӣ.




Ин шакл ба сурати комилан возеҳ робитаи ҳазрати Усмон (р) бо Паёмбар (с) ро нишон медиҳад:

1. Бобои Усмон дар Абдуманоф ибни Қусай ибни Килоб, бобои саввуми Паёмбар (с), ба Паёмбар (с) мерасад.
2. Домоди Паёмбар (с) аст ва бо ду духтари Паёмбар, Руқайя (р) ва Умми Кулсум (р) издивоҷ карда аст.
3. Модаркалони Усмон ибни Афон (р) (Умми Ҳаким Байзо бинти Абдулмутталиб) аммаи Паёмбар (с) ва ҳамзоди Абдуллоҳ, падари Паёмбар (с) аст.




*Мароҷеъ:* Ҳамаи китобҳои тароҷим ва риҷол ва таърихи муртабит ҳамонанди:
-Таърихул ислом (Ҳофизи Заҳабӣ соли 35ҳ)
-Биҳорул анвор (Маҷлисӣ 22\201)
-Алвофӣ бил вафаёт (Сафдӣ 20\28)
-Таърихи яъқубӣ (2\162)

## НАМУНАИ НӮҲУМ

### Усмон ибни Аффон дар хонаи Паёмбар (с)

Усмон ибни Аффон саввумин халифаи рошид, яке аз даҳ ёрӣ биҳиштӣ ва аз собиқини аввалин аст. Ӯ ба Ҳабаша ва Мадина ҳиҷрат фармуда аст. Ва баъд аз зуҳури ислом низ сарвар ва роҳбар буд. Байъати "Ризвон" ба хотири вай баргузор шуд. Фазилатҳои зиёде дорад.

Усмон бо Паёмбар (с) чаҳор иртибот дорад:

1. Вай писари амаки Паёмбар (с) аст, зеро насаби онҳо дар Абдуманоф ибни Қусай бобои сеюми Паёмбар (с) ба ҳам мерасад. Усмон ибин Аффон ибни Абилъос ибни Умайя ибни Абдушамс ибни Абдуманоф аст.
2. Модари Усмон Арво духтари Курайз ва Байзо аст. Байзо низ духтари Абдулмутталиб. Ва хоҳари дугонаи Абдуллоҳ падари Паёмбар (с) мебошад.
3. Дорои шарофате аст, ки ҳеҷ чизе ба он қобили муқоиса нест. Усмон қабл аз ҳиҷрат бо Руқайя духтари Паёмбар (с) издивоҷ кард ва ҳамроҳи ӯ ба Ҳабаша ва сипас ба Мадина ҳиҷрат кард. Тибқи дастури Паёмбар (с) ба ҷанги "Бадр" нарафт, то аз ӯ парасторӣ кунад, зеро Руқайя бемори бистарӣ буд.
4. Баъд аз вафоти Руқайя ба духтари дуввуми Паёмбар (с) Умми Кулсум издивоҷ кард.

Дар саҳифаҳои оянд роҷеъ ба ин робита тавзеҳоти бештар медиҳем.

# Ҳусайн и

Дар соли 4 ҳ. таваллуд

Паёмбар (с) фармудаанд:
(Ҳасан ва Ҳусайн сарвари ҷа

*Ин ҳадисро Имом Аҳмад, Насоӣ, Тирмизӣ ва*

## Касоне, ки бар зидди Ҳусайн мубориза бурданд

Қабл аз ҷанг
Аҳли Куфа ва фарзандонашон, ки ба ҷанги ӯ рафтаанд (1).
Ҳангоми ҷанг
Убайдуллоҳ ибни Зиёд (касе, ки фармони ҷангро содир кард), Умар ибни Саъд (фармондеҳи лашкар) ва лашкаре, ки бар зидди ӯ ҷангид. Хусусан ду нафар, ки дар қатли вай нақши бевосита доштанд.
- Синон ибни Анаси Нахаъӣ
- Шиммар ибни Зилҷавшан

## Касоне, ки Ҳусайнро таҳқир карданд

1- Гурӯҳе, ки аз аҳли Кӯфа, ки бо номаҳояшон ӯро ба ҳалокат андохтанд (3).
Язид ибни Муовия, ки ба ёрии Ҳусайн нашитофт ва касонеро, ки бо Ҳусайн ҷангида буданд, ҷазо надод ва фақат Убайдуллоҳ ибни Зиёдро сарзаниш кард ва ба пардохти хунбаҳои оди Ҳусайн кифоят кард (4).

## Касоне, ки ба Ҳусайн ёрӣ доданд

- Саҳоба ва аҳли байт, ки аз Ҳусайн хостанд, ки то ба Кӯфа наравад. Аз ҷумла ибни Аббос, ибни Умар, ибни Зубайр, ибнул Ҳанафия, Абдуллоҳ, ибни Ҷаъфар, Абдуллоҳ ибни Мутиъ, Абдуллоҳ ибни Айёш, Язид ибни Асам ва Абӯвоқиди Лайсӣ будаанд (5).
Ҳангоми ҷанг
Бародаронаш: Абӯбакр, Аббос, Усмон, Ҷаъфар, Абдуллоҳ. Писар ва бародарзодагонаш ва ҷамъе аз ёронаш мисли Ҳур ибни Язиди Тамимӣ (6).
Баъд аз ҷанг
Олимоне, ки шахсони бар зидди Ҳусайн баромадаро фосиқ шумориданд ва ҳукми беадолати ононро содир карданд мисли:
Абӯбакри Ҳаллол, ки гуфт: Худо лаънат кунад шахсеро, ки Ҳусайн, Умар, Усмон ва Алиро ба қатл расонид (7).
Ибни Таймия гуфтааст: Лаънати Худо ва фариштагон ва Ҳамаи мардум ба касе, ки Ҳусайнро кушт ё дар қатли ӯ шарик шуд ва ӯ ба он розӣ буд (8).
Қуртубӣ гуфтааст: Худо Ҳусайнро раҳмат кунад ва қотилони ӯро раҳмат накунад. Худо аз ӯ розӣ бод ва аз қотилонаш розӣ мабод (9).




(1) Мунтаҳал-омол (саҳ. 568) ва Нафсул маҳмум (саҳ. 365)
(2) Таърихи Табарӣ (4\346) ва Мақотилут толибин (саҳ. 80
ва Омолии Садуқ (саҳ. 226)
(3) Биҳорул-анвор (44\333) ва Таърихи Димашқ (14\216) ва
Аъёнуш шиъа (саҳ. 26) ва Ал-малъаматул ҳусайния (1\129
(4) Минҳоҷус сунна (4\557) ва Таърихи Табарӣ (3\339) ва
Ал-иршод (2\122) ва Биҳорул анвор (45\146)
(5) Ал-бидоя ван-ниҳоя (8\174) ва Таърихи Димашқ (14\20
ва Мақотилут толибин (саҳ. 73) ва Биҳорул анвор (44\185
(6) Таърихи Табарӣ (4\343) ва Аъёнуш шиъа (2\302) ва
Шарҳул ахбор (3\177)

# ...бни Алӣ (р)

...шуд ва дар соли 61 ҳ.шаҳид шуд.

...они биҳиштанд)

...и Моҷа ривоят кардаанд.

## Ҷиҳоди эшон:




(7) Ассуннаҳ (3\522)
(8) Маҷмуъул-фатово (Ибни Таймия 4\478), Минҳоҷус суннаҳ (4\550)
(9) Аттазкираҳ (Қуртубӣ 2\215)
(10) Таърихи Ибни Халдун (2\128)
(11) Ал-бидоя ван-ниҳоя (8\151) ва Таърихи Табарӣ (6\148) ва Буғятут талаб (3\8)
(12) Таърихи Табарӣ (5\270) ва Ал-комил ва Таърихи Ибни Халдун (2\135)
(13) Сияри Аъломи Нубало (5\314) ва Насаби Қурайш (5\57)
(14) Ал-иршод (саҳ. 248) ва Таърихи Табарӣ (4\359) ва Насаби Қурайш (2\40)

## Дӯстӣ ва хешовандӣ миёни аҳли байт ва саҳоба

### Фарзандонаш

Алӣ (Зайнулобиддин), Муҳаммад, Ҷаъфар, Алиакбар, Сукайна, Фотима, (ва Умар ва Абдуллоҳи Разеъ ва Алиасғар, ки дар санади он ихтилоф аст) (13).

### Бародарон ва хоҳаронаш

Алӣ ибни Абӯтолиб писарони зиёде доштааст, ки машҳуртарини онҳо иборатанд аз:
- Ҳасан бародари ҳамтанаи Ҳусайн
- Муҳаммад (Ибни ҳанафия)
- Абӯбакр, Аббос, Усмон, Ҷаъфар ва Абдуллоҳ, ки бо Ҳусайн шаҳид шуданд
- Умар (ки аз дигар писарони ҳазрати Алӣ дертар вафот кард) (14).

### Домодҳояш

| Ҳамсарони Сукайна | Ҳамсарони Фотима |
|---|---|
| 1 Абдуллоҳ ибни Ҳасан ибни Алӣ | 1 Ҳасан ибни Ҳасан ибни Алӣ |
| 2 Мусъаб ибни Зубайр ибни Аввом | 2 Абдуллоҳ ибни Амр ибни Усмон ибни Аффон |
| 3 Асбағ ибни Абдуазиз ибни Марвон | |
| 4 Зайд ибни Амр ибни Усмон | |
| 5 Абдуллоҳ ибни Усмон ибни Абдуллоҳ ибни Ҳаким | |
| 6 Иброҳим ибни Абдураҳмон ибни Авф | |

Таърихи Бағдод (5/368) Сияри Аъломи Нубало (11/265) Ансобул ашроф Аъёнуш шиъа (3/492) Таърихи авсат (1/245) Таърихи Димишқ (9/170) Ал-муҳаббар (саҳ 438) Миротул-ҷинон (1/117) Мақотул-толибин (саҳ.120) (дар байни таърихшиносон ихтилофи назаре роҷеъ ба тартиби ҳамсарони Сукайна вуҷуд дорад).

# Хешовандӣ миёни хонадони Паёмбар (с) ва хонадони Усмон ибни Аффон (р)




Ин шаҷаранома дарбаргирандаи баъзе аз хешовандиҳо ва насабҳо аст, на ҳамаи онҳо.

قال تعالى : ( مُحَمَّدٌ رَسُولُ اللَّهِ وَالَّذِينَ مَعَهُ أَشِدَّاءُ عَلَى الْكُفَّارِ رُحَمَاءُ بَيْنَهُمْ ) (الفتح: ٢٩)

Ин шаҷаранома, ки бар асоси китобҳои таърихӣ аст, робитаи самимии миёни аҳли байт ва саҳобаро нишон медиҳад. Пас бояд аз масоили таҳрифшуда дар таърих парҳез кард.

Як будани шумора ва шакл нишондиҳандаи хешовандӣ миёни он ду шахси бузургвор аз аҳли байт ва хонадони Усмон аст.

Саҳоба

**Муҳимтарин масодир ва мароҷеъ:**

1-Таърихи Димишқ
2-Табақоти Кубро
3-Ҷамҳарату ансобил араб
4-Насаби Курайш
5-Умдатут толиб
6-Ансобул ашроф
7-Таърихи яъқубӣ
8-Мақотилут толибин
9-Мунтаҳал омол
10- Ал-муҳаббар
11- Кашфул-ғумма
12- Ал-асилӣ

## НАМУНАИ ДАҲУМ

### Хешовандии сабабӣ миёни хонадони Паёмбар (с) ва хонадони Усмон

Дар ин намуна ба таври возеҳ ва равшан, роҷеъ ба вуҷуди ҳашт робитаи хонаводагӣ миёни Паёмбар (с) ва Усмон баҳс шуда аст. Ҳамон гуна, ки ба нукоти зер ишора шуда аст:

1. Насаби Усмон бо Паёмбар (с) дар Абдуманоф бобои сеюми Паёмбар (с) ба ҳам мерасад.
2. Усмон бо ду духтари Паёмбар (с) (Руқайя ва Умми кулсум) издивоҷ кард.
3. Робитаи хонаводагӣ миёни ин ду хонадон то панҷ насл идома ёфт. Дар ин миён фарзандаш Абон ва набераааш Марвон ибни Абон ва Абдуллоҳ ва Зайд писарони Амр ибни Усмон ва бархе дигар аз наберагонаш бо хонадони Паёмбар (с) васлат мекунанд.
4. Аз миёни наберагони Ҳасан ду издивоҷ ва аз миёни наберагони Ҳусайн се издивоҷ бо насли Усмон сурат мегирад.

Возеҳ ва равшан аст, ки издивоҷ василаи маҳкаме барои тақвияти робитаи хонаводагӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Ва чӣ қадар ин издивоҷҳо бештар бошанд, робитаҳо қавитар мешаванд.

Ҳоло ба назари шумо вуҷуди ин хешовандии сабабӣ дар тӯли чанд насл пай дар пай рамзе барои пирӯзии Паёмбар (с) дар тарбияти хонадон ва асҳоб ва ёронаш нест?

Лозим ба зикр аст, ки ин робитаҳои хешовандӣ ба фарзандон ва наберагон низ сироят мекунад.

Ба диққат ба ин нукта таваҷҷӯҳ кунед. Оё шумо розӣ ҳастед, робитаи хешовандиро бо касоне барқарор намоед, ки ислом ва ахлоқи онҳоро намеписандед. Ва ё ин, ки нисбати душмании онон бо хонаводаи худ шак доред?

Агар шумо ба ин розигӣ намедиҳед, инро донед, ки Аҳли байт ва саҳобаи бузургвор бисёр ҷиддитар дар ин хусус қадам бар медоштанд.

# *Хешовандӣ миёни аҳли байти Паёмбар (с) ва амакбачаҳояш.*




Робитаҳои хешовандии аҳли байт (р) бо Усмон ибни Аффон ва наберагонаш ба хотири аҳамият ва касрат дар бахши мустақил зикр шудааст.

Нуктаи муҳим: ин шаҷаранома дарбаргирандаи баъзе аз хешовандиҳо ва насабҳо аст, на ҳамаи онҳо.

Саҳоба

Як будани шумора ва шакл нишондиҳандаи хешовандӣ миёни он ду шахси бузургвор аз хонадони Бани Ҳошим ва амакбачаҳои онҳо.

1- Таърихи Димишқ
2- Табақоти Кубро
3- Ҷамҳарату ансобил-араб
4- Насаби Қурайш
5- Умдатут толиб
6- Ансобул-ашроф
7- Таърихи яъқубӣ
8- Мақотилут толибин
9- Мунтаҳал-омол
10- Ал-муҳаббар
11- Кашфул-ғумма
12- Ал-асилӣ

قال تعالى : ( مُحَمَّدٌ رَسُولُ اللَّهِ وَالَّذِينَ مَعَهُ أَشِدَّاءُ عَلَى الْكُفَّارِ رُحَمَاءُ بَيْنَهُمْ ) (الفتح: ٢٩)

Ин шаҷаранома, ки бар асоси китобҳои таърихӣ аст, робитаи самимии миёни аҳли байт ва саҳобаро нишон медиҳад. Пас бояд аз масоили таҳрифшуда дар таърих парҳез кард.

# НАМУНАИ ЁЗДАҲУМ

## Хешовандии сабабӣ миёни Аҳли байти Паёмбар (с) ва амакбачаҳояш

Ин намуна мумкин аст нисбат ба дигар намунаҳо бандҳои бештаре дошта бошад. Бо вуҷуди ин ки Усмонро дар як намунаи мустақил зикр кардем, аммо ҳақиқатҳои гуногуне боқӣ мондааст, ки аз хилоли ин намуна ба он пай хоҳед бурд:

1.Аҳли байти Паёмбар (с) ба далели ин хешовандиҳои сабабӣ дар тӯли наслҳои пай дар пай аз ҷамъияти худ ҷудо нагаштаанд.

2.Се то аз духтарони Паёмбар (с) бо ин хонаводаи Қурайшӣ издивоҷ мекунанд.

3.Дар ин намуна хоҳем дид, ки Аҳли байт ҳашт хешовандии сабабиро бо хонадони Усмон, шаш хешовандии сабабиро бо хонадони Марвон ибни Ҳакам ва чаҳор хешовандии сабабиро бо хонаводаи Абӯсуфён барқарор намуданд.

4.Дар ин намуна хоҳем дид, ки 13 хешовандии сабабӣ бо хонадони Алӣ сурат гирифта аст.

5.Бештари ин хешовандиҳои сабабӣ баъд аз рӯйдодҳои (Сиффин, Ҷамал ва Карбало) сурат гирифтаанд.

Чаҳор хешовандии сабабӣ миёни хонадони Паёмбар (с) ва хонадони Абӯсуфён сурат гирифта аст, ки шарифтарини онҳо издивоҷи Паёмбар (с) бо Умми Ҳабиба духтари Абӯсуфён мебошад.

# Зубайр дар манзили Паёмбар (с)




Ин шакли хешовандӣ бисёр наздики Зубайр ибни Аввом ҳавории Расулуллоҳ (с) бо Паёмбарро ба вузуҳ нишон медиҳад:

1-Вай писари амаки Паёмбар (с) аст, ки насабаш дар Қусай ибни Килоб ба вай мерасад.

2-Вай писар аммаи Паёмбар (с), Сафия бинти Абдулмутталиб аст.

3-Вай писари бародари ҳазрати Хадиҷа бинти Хувайлид модари муъминон ва ҳамсари Паёмбар (с) аст.

4-Вай писари тагои ҳазрати Фотимаи Заҳро аст.




Мароҷеъ: Ҳамаи кутуби тароҷим, риҷол ва таърихи муртабит бо мавзӯъ ҳамонанди:
1- Сияри Аъломи Нубало (Заҳабӣ 1...
2- Ал исоба (Ибни Ҳаҷар (шарҳи ҳоли Зубайр р))
3- Ал қавоид ва-л фавоид (Омилӣ 232...
4- Мустадракоти илми риҷол (Намозии Шоҳрудӣ)

# НАМУНАИ ДУВОЗДАҲУМ

## Зубайр дар манзили Паёмбар (с).

Зубайр ибни Аввом бо лақаби Ҳавории Паёмбар (с) шӯҳрат ёфт. Вай писари аммаи Паёмбар (с) Сафия духтари Абдулмутталиб ва яке аз даҳ ёрӣ биҳиштӣ ва яке аз шаш нафари "Аҳли Шӯро" мебошад.

Модараш ба ӯ кунияи Абӯтоҳирро баргузид, ки дар асл кунияи Зубайр ибни Абдулмутталиб (бародари Сафия) буд. Зубайр низ кунияи Абӯтоҳирро барои писараш Абдуллоҳ ба кор мебурд.

Зубайр дар синни 12 солагӣ ва ба ривояте дар 8 солагӣ ислом овард.

**Зубайр аз чанд роҳ ба манзили Паёмбар (с) робита пайдо мекунад:**

1. Насаби вай дар Қусай ибни Килоб бобои чаҳоруми Паёмбар (с) бо насаби Паёмбар (с) мечаспад.
2. Модари Зубайр Сафия аммаи Паёмбар (с) аст. Модари Сафия холаи Паёмбар (с) аст. Сафия аввал бо Ҳорис ибни Ҳарб ибни Умайя издивоҷ кард, аммо пас аз марги ӯ бо Аввом ибни Хувайлид издивоҷ кард ва ду фарзанд бо номҳои Зубайр ва Соиброба дунё овард. Сафия ислом овард ва ҳамроҳи писараш Зубайр ба Мадина ҳиҷрат кард ва то замони хилофати Умар дар қайди ҳаёт буд.
3. Хадиҷа, ки нахустин зани мӯъмин ва сарвари занони ду ҷаҳон аст, аммаи Зубайр мебошад.
4. Аз ин рӯ Фотима духтари Паёмбар (с) духтари аммаи Зубайр аст.

Пас ҳақ дорем, ки ба садои танинандоз бигӯем: Зубайр аз наздикони Паёмбар (с) буд.

# Издивоҷ байни хонадони Алӣ ибни Абӯтолиб ва хонадони Зубайр ибни Аввом (р)

**14** робитаи хешовандӣ байни оли Алӣ ва оли Зубайр (р) дар тӯли **100** сол

**Қусай ибни Килоб**

**Хувайлид ибни Асад ибни Абдулуззо** → *Зубайр ибни Аввом (р)*

**Абдулмутталиб ибни Ҳошим ибни Абдуманоф** → *Алӣ ибни Абӯтолиб (р)*

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Убайда → | Мунзир | Фотима | ← |
| 2 | Мусъаб → | Ҷаъфар | Мулайка | ← Ҳасан ← Ҳасан (р) |
| 3 | Мунзир → | Амр | Руқайя | ← Ҳасан (р) |
| 4 | Мунзир → Муҳаммад → Фулайҳ → | Фохита | Муҳаммад | ← Абдуллоҳ ← Ҳасан ← Ҳасан (р) |
| 5 | Мунзир → Ҳамза → | Амина | Ҳусайн | ← Ҳасан (р) |
| 6 | Абдуллоҳ (р) | | Нафиса (модари Ҳасан) | ← Ҳасан (р) |
| 7 | Мусъаб | | Сукайна | ← Ҳусайн (р) |
| 8 | Мусъаб → Ҳамза → | Холида | Ҳусайн | ← Алӣ ← Ҳусайн (р) |
| 9 | Урва → Ҳишом → Зубайр → | Убайда | Мӯсо | ← Умар ← Алӣ ← Ҳусайн (р) |
| 10 | Урва → Усмон → | Фотима | Ҷаъфар | ← Умар ← Алӣ ← Ҳусайн (р) |
| 11 | Мунзир → Муҳаммад → Убайдуллоҳ → | Бурайка | Иброҳим | ← Ҳусайн ← Алӣ ← Ҳусайн (р) |
| 12 | Мусъаб → Мусъаб → | Амина | Муҳаммад | ← Абдуллоҳ ← Ҳасан ← Ҳасан (р) |
| 13 | Мусъаб → Муҳаммад → | Сафия | Муҳаммад | ← Авн ← Алӣ ← Муҳаммад |
| 14 | Амр → Зубайр → Амр → | Умми Амр | Абдуллоҳ | ← Ҳусайн ← Алӣ ← Ҳусайн (р) |

(р) – Саҳоба ← Робитаи падар ва фарзандӣ ○ Робитаи издивоҷ

**Нуктаи муҳим: ин шаҷара шомили қисмате аз издивоҷҳо ва насабҳо аст, на ҳамаи онҳо.**

## Мароҷеъ ва масодир

1- Алмаориф (Ибни Кутайба саҳ. 224)
2- Шаҷарату тубо (Муҳаммад Маҳдии Ҳоирӣ саҳ. 120)
3- Ҷамҳарату ансобил араб (Ибни Ҳазм саҳ. 22, 53, 55)
4- Алавия (саҳ. 8, 69, 78, 79)
5- Мӯъҷаму риҷолил ҳадис (Хуйи 12\76)
6- Насаби қурайш (Зубайрӣ саҳ. 19, 26)
7- Муҳаббар (Ибни Ҳабиб саҳ. 57)
8- Мустадракоти илми риҷол (Намозӣ саҳ. 8226)
9- Ал маҷдӣ фи инсобиттолибин (Алавӣ 195)
10- Аттабақотул кубро (Ибни Саъд5\327)

قال تعالى : ( مُحَمَّدٌ رَسُولُ اللَّهِ وَالَّذِينَ مَعَهُ أَشِدَّاءُ عَلَى الْكُفَّارِ رُحَمَاءُ بَيْنَهُمْ ) (الفتح: ٢٩)

Ин шаҷаранома шаҳодат медиҳад ва изҳор мекунад онҷиро, ки мӯҷиби бардавоми робитаи гарм миёни аҳли байт ва саҳобаҳо ва наберагони онҳо дар тӯли таърих аст. Пас бояд аз масоили таҳрифшуда дар таърих парҳез кард.

## НАМУНАИ СЕНЗДАҲУМ

### Издивоҷ байни хонадони Алӣ ва хонадони Зубайр

Ин пурракунандаи матлабҳоест, ки то кунун дар мавриди дӯстӣ миёни Аҳли байту саҳоба ба таври ом ва миёни хонадони Алӣ ва хонадони Зубайр ба таври хос зикр шудааст.

1. Ин издивоҷҳо баъд аз воқеъаи "Ҷамал" соли 36 ҳиҷрӣ рӯй дод ва баёнгари он аст, ки воқеъаи Ҷамал сабаби бадбинӣ ва кина байни онон нашуда аст ва иддаоҳои пуче, ки мусташриқин ва баъзе ҷоҳилон, ки дар нағораи мусташриқин рақс мекунанд, аз рӯи кинатӯзӣ ва ҳасадхурӣ ба он нисбат медиҳанд, поя ва асос надорад ва дурӯғе беш нест.
2. Чаҳордаҳ издивоҷ дар тӯли як аср ва байни шаш силсиланасаби онон сурат гирифтааст.
3. Шаш гурӯҳ аз ин издивоҷҳо бо афроде аз хонаводаи Ҳасан ибни Алӣ рух дода, ки шомили: издивоҷ бо духтари вай Руқайя ва Нафиса издивоҷ бо се набера (ду писар ва як духтар ба номи Мулайка) мебошад. Ва Абдуллоҳ (бо лақаби нафсуз закия) набераи Имом Ҳасан ду бор бо афроди аз хонаводаи Зубайр издивоҷ кардааст.
4. Шаш гурӯҳ аз ин издивоҷҳо бо афроде аз хонаводаи Ҳусайн ибни Алӣ буда, ки шомили духтари вай Сукайна ва панҷ нафар аз набераҳои вай мебошад.
5. Аз аъзои хонаводаи Мусъаб ибни Зубайр панҷ нафар бо хонадони Алӣ издивоҷ кардаанд.

Дӯстӣ ва хешованди миёни аҳли байт ва саҳоба

# Хешовандӣ миёни хонадони Алӣ ибни Абӯтолиб ва хонадони Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р)




Нуктаи муҳим: ин шаҷаранома дарбаргирандаи баъзе аз хешовандиҳо ва насабҳо, на ҳамаи онҳо.

قال تعالى : ( مُحَمَّدٌ رَسُولُ اللَّهِ وَالَّذِينَ مَعَهُ أَشِدَّاءُ عَلَى الْكُفَّارِ رُحَمَاءُ بَيْنَهُمْ ) (الفتح: ٢٩)

Ин шаҷаранома, ки бар асоси китобҳои таърихии мусалмонон аст, робитаи гарм миёни аҳли байт ва саҳобаҳоро нишон медиҳад ва бардавомии робитаи самимӣ миёни аҳли байт ва саҳобаҳо ва хонадони онҳо дар тӯли таърихро мерасонад. Пас бояд аз масоили таҳрифшуда дар таърих парҳез кард.

Як будани шумора, шакл ва ранг нишондиҳандаи хешовандӣ миёни он ду шахси бузургвор аз аҳли байти Паёмбар (с) хонадони Талҳа аст.

## Муҳимтарин манобеъ ва масодир


1- Ал маъориф (Ибни Қутайба саҳ. 232)
2- Ҷамҳарату ансобил араб (Ибни Ҳазм саҳ. 52)
3- Насаби Қурайш (Зубайрӣ саҳ. 25)
4- Ал иршод (Муфид 2\130)
5- Ансобул ашроф (Билозурӣ 1\474)
6- Мақотилут толибин (Исфаҳонӣ саҳ. 122)
7- Тоҷул маволид (Табрасӣ саҳ. 35)
8- Алмуҳаббар (Ибни Ҳабиб саҳ. 438,448,450

# НАМУНАИ ЧАҲОРДАҲУМ

## Иртиботи хешовандӣ миёни хонадони Алӣ ва хонадони Талҳа

Дар ин намуна далелҳои бештаре бар радди дурӯғпардозиҳо дар мавриди ҷанги "Ҷамал" хоҳед ёфт, ки шуморо барои парҳез аз он дурӯғпардозиҳо таҳрик мекунад. Дар ин ҷо бояд пурсид, ки чӣ чизе Аҳли байтро барои издивоҷ бо хонадони Зубайр чуноне, ки ишора шуд ва хонадони Талҳа чуноне, ки хоҳед дид, бармеангезад, агар кина ва бадбинӣ дилу дарунашонро фаро гирифтааст?

Талҳ писари Убайдуллоҳ аст. Ӯ аз қабилаи Тайм яке аз даҳ ёри биҳиштӣ ва ҳаштумин шахсе, ки ислом овард ва панҷумин шахсе, ки дар дасти Абӯбакр ислом овард ва аъзои шӯрои шашнафара, ки Усмонро ба хилофат интихоб кард. Фазилат ва собиқа ва хадамоти бузурге барои ислом анҷом додааст, возеҳу равшан аст ва мо дар ин намуна танҳо ба нукоти зер ишора мекунем.

1. Ҳасан ибни Алӣ бо Умми Исҳоқ духтари Талҳа издивоҷ мекунад ва фарзанде бо номи Ҳасан ба дунё меояд.
2. Баъд аз вафоти Ҳасан ибни Алӣ бинобар васияти эшон бародараш (Ҳусайн ибни Алӣ) бо Умми Исҳоқ издивоҷ мекунад ва фарзанде ба номи Фотимаи Сугро ба дунё меояд.
3. Оё Ҳасан ва Ҳусайн дар ҷанги "Ҷамал" ширкат надоштанд, ҳоло агар ҷанги "Ҷамал" он гуна буда , ки мустаншриқин ва баъзе ҷоҳилон бадон пардохтаанд, пас чаро инон ба насли Талҳа издивоҷ кардаанд?
   Ҳушёр бошед, ҳушёр! Зеро дасисаҳои пинҳонӣ шубаҳоте дар таърих ворид намудааст.
4. Абдуллоҳи (Маҳз) писари Ҳасан ибни Ҳасан ибни Алӣ ва Авн ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Абӯтолиб яке пас аз дигар бо Ҳафса духтари Имрон ибни Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Талҳа издивоҷ кардаанд.
5. Абда духтари Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб бо Нӯҳ ибни Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Талҳа издивоҷ кард.
6. Хонандаи гиромӣ Аҳли байту саҳобаи бузургвори Паёмбар (с)и Худо пешвои ҳамеша дар паи ҳифзи иттиҳоди уммати исломӣ буданд.

# Домодҳои Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб (р) аз миёни фарзандони асҳоб (р)

## Ҳусайн (р)

Ҳамаи ин издивоҷҳо баъд аз карбало (соли 61 ҳ.) сурат гирифта аст ғайр аз издивоҷи Ҳасан (Мусанно) бо Фотима ва Абдуллоҳ ибни Ҳасан бо Сукайна




**Муҳимтарин мароҷеъ:**

1-Таърихи димашқ (Ибни Асокир)
2-Табақотул кубро (ибни Саъд)
3-Ҷамҳарату ансобил араб (Ибни Ҳазм)
4-Насаби Қурайш (Ибни Баккор)
5-Аъёнуш шиъа (Омилӣ)
6-Ансобул ашроф (...)
7-Тазкиратул фуқаҳо (Ҳуллӣ)
8-Мақотилут толибин (Исфаҳонӣ)
9-Мунтаҳал омол (Аббоси Қумӣ)
10- Муҳаббар (Ибни Ҳабиб)
11- Асилӣ (Ибни Тақтақӣ)

# НАМУНАИ ПОНЗДАҲУМ

## Домодҳои Ҳусайн ибни Алӣ аз миёни саҳоба

Акнун ба фарзандони Ҳусайн ибни Алӣ ба хусус Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ва ду хоҳараш (Фотима ва Сукайна) ишора мекунем. Мо дар таҳқиқоти худ ба ин натиҷа расидем, ки инҳо низ ҳамроҳи падарашон дар рӯйдоди "Карбало" ширкат доштанд.

Ин нуктаҳои мавриди назари мо иборатанд аз:

1. Ҳасан (Мусанно) писари Ҳасан ибни Алӣ ибни Абӯтолиб ва ҳамсари Фотима духтари Ҳусайн ибни Алӣ дар ҳодисаи дилхароши "Карбало" бо захми заифе наҷот пайдо кард. Вай аз Фотима се писари наҷиб бо номҳои Ҳасан, Абдуллоҳ ва Иброҳим ва ду духтар бо номҳои Зайнаб ва Кулсум дошт.
2. Фотима баъд аз вафоти Ҳасани мусанно дар соли 97 ҳиҷрӣ бо Абдуллоҳ ибни Амр ибни Усмон ибни Аффон (мулаққаб ба Мутарраф) издивоҷ кард ва писаре бо номи Дебоҷ ва духтаре барои ӯ ба дунё овард.
3. Сукайна духтари Ҳусайн низ бо Абдуллоҳ ибни Ҳусайн ибни Алӣ издивоҷ кард. Ин бузургвор, ки кунияаш Абӯбакр буд, дар воқеаи "Карбало" ҳамроҳи хонаводааш шаҳид шуд.
4. Сукайна баъд аз вафоти Абдуллоҳ бо Мусъаб ибни Зубайн ибни Аввом издивоҷ кард ва аз он духтаре бо номи Фотима ба дунё омад.
5. Баъд аз ин ки Мусъаб дар соли 71 ҳиҷрӣ ба қатл расид, Абдуллоҳ ибни Усмон ибни Абдуллоҳ ибни Ҳаким ибни Ҳизом бо Сукайна издивоҷ кард ва се фарзанде бо номаҳои Усмон (лақабаш Қарин), Ҳаким ва Рабеҳа ба дунё омад.
6. Баъд аз вафоти Абдулоҳ бо Зайд ибни Амр ибин Усмон ибни Аффон издивоҷ кард.
7.Баъд аз вафоти Зайд Иброҳим ибни Абдурраҳмон ибни Авф бо вай издивоҷ кард, аммо баъд аз се моҳ ӯро талоқ дод.
8. Сипас Асбағ ибни Абдулазиз ибни Марвон ибни Ҳакам бародари халифаи рошид Умар ибни Абдулазиз бо ӯ издивоҷ кард, аммо хеле зуд аз дунё рафт.

Дар ин хусус нуктаҳои зер қобили таваҷҷӯҳ мебошанд.

а) дар бештари издивоҷҳои Сукайна бародараш Алӣ ибни Ҳусайн ( Зайнул Обидин) валии ӯ буда аст.

б) ду нафар аз шавҳарони Сукайна дар ҳамон рӯзҳои аввали издивоҷ ба қатл расиданд. Яке дигар аз онҳо вафот кард ва дигаре низ баъд аз чанд моҳ ӯро талоқ медиҳад.

в) он чи қобили таваҷҷӯҳ аст, ин ки шавҳарони Сукайна аз миёни фарзандон ва наберагони саҳоба ба хусус: Усмон, Зубайр, Абдурраҳмон ибни Авф ҳастанд, ки баёнгари вуҷуди муҳаббат ва дӯстӣ, ҳатто миёни набераҳои онҳо мебошанд.

# Муҳаммад Боқир

## Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб (р)

**(Соли таваллуд 56 ҳ. – вафот 114 ҳ.)**

### Устодҳои вай аз саҳоба

- Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ (р)
- Абдуллоҳ ибни Аббоси Ҳошимӣ (р)
- Абдуллоҳ ибни Умар ибни Хаттоб (р)
- Умми Салама (Ҳинди Махзумӣ) (р) *(Модари Мӯъминон)*
- Абӯсаиди Худрӣ (р)
- Анас ибни Молик (р)

### Ҳамсаронаш

**Умми Фарва**
бинти Қосим ибни Муҳаммад ибни Абӯбакри Сиддиқ (р)

### Модараш

**Умми Абдуллоҳ**
бинти Ҳасан ибни Алӣ (р)

Бештар аз 240 ривоят дар китобҳои нӯҳгона дорад.

### Аз гуфтори Боқир (р)

Аз Боқир роҷеъ ба зинат додани шамшер суол шуд. Вай дар ҷавоб гуфт: боке надорад, зеро Абӯбакри Сиддиқ низ шамшери худро зинат медод. Ба вай гуфта шуд: Чаро калимаи Сиддиқро барои вай ба кор мебаред? Имом фавран рӯ ба қибла истод ва се бор гуфт: оре, мегӯям Сиддиқ ва ҳар кас Сиддиқро барои ӯ ба кор набарад, Худо дар дунё ва охират сухани вайро тасдиқ нахоҳад кард.

### Дар бораи Боқир (р) мегӯянд.

Дар замони худаш сардори Бани Ҳошим буд, маъруф ба Боқир ба маънои шикофандаи улум шуд, чун аз назари илмӣ бисёр дақиқ ва огоҳ буд.


Мароҷеъ:

1. Асилӣ (Ибни Тақтақӣ 149)
2. Таҳзибул камол (Муззӣ 26\137)
3. Тазкиратул ҳуффоз (Заҳабӣ 1\124)
4. Умдатуттолиб (Ибни Абна 345)
5. Сияри Аъломи Нубало (Заҳабӣ 4\402)
6. Кашфулғумма (Арбалӣ 2\360)

# НАМУНАИ ШОНЗДАҲУМ

## Имом Муҳаммади Боқир

Ин намуна дар бораи Имоми бузургвор Абӯҷаъфар Муҳаммади Боқир аст, ки соли 56 ҳиҷрӣ дар шаҳри Мадина таваллуд шуд. Ба сабаби аз назари илмӣ бисёр дақиқу огоҳ буданаш лақаби "Боқир"-ро касб кард. Машҳуртарин устодони ӯ гурӯҳе аз саҳоба ҳастанд монанди: Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ, Анас ибни Молик, Абӯсаъиди Худрӣ, Абдуллоҳ ибни Умар ва Абдуллоҳ ибни Аббос. Ин нукта баёнгари вуҷуди робитаи қавии илмӣ ва фарҳангӣ миёни аҳли байт ва саҳоба аст. Сарфи назар аз китобҳои тафсир ва г… дар муҳимтарин китобҳои ҳадис 244 ривоят аз Имом Боқир нақл шудааст.

Ҳамчуноне, ки қаблан низ баён доштем, Имом Боқир домоди хонадони Абӯбакри Сиддиқ буд, зеро бобояш Паёмбар (с) бо Оиша издивоҷ кард ва амаки падараш Ҳасан ибни Алӣ бо Ҳафса духтари Абдуррахмон ибни Абӯбакр издивоҷ кард. Ва ҳамчунон бародарзодааш Исҳоқ ибни Абдуллоҳ ибни Алӣ ибни Ҳусайн бо хонаводаи Абӯбакр хеш шуда, аз бародарию муҳаббату вафодории онхо истифода бурдаанд. Ӯ низ ба пайравӣ аз онон бо Умми Фарва духтари Қосим ибни Муҳаммад ибни Абӯбакр издивоҷ кард ва дар натиҷаи ин издивоҷ фарзанде бо номи Ҷаъфар чашм ба дунё кушод.

Ин намунаро ба зикри ривояти Арбалӣ аз Имом Боқир ба поён мерасонам. Он гоҳ, ки роҷеъ ба зинат додани шамшер аз Имом Боқир суол мекунад. Дар ҷавоб мегӯяд: "Боке надорад, зеро Абӯбакри Сиддик низ шамшери худро зинат медод. Арбалӣ мегӯяд гуфтам: Чаро калимаи Сиддиқро барои вай ба кор мебаред? Имом дар ҷавоб рӯ ба қибла истод ва бо садои ҳайбатноке се мартаба паи хам гуфт: "Оре, мегӯям, Сиддиқ ва ҳар кас калимаи сиддиқро барои ӯ кор набарад, Худованд дар дунё ва охират сухани ӯро тасдиқ нахоҳад кард".

# *Ҳафса духтари Муҳаммади (Дибоҷ), набераи хулафои рошидин ва Талҳаву Зубайр (р) аст*




Ин шакл нишондиҳандаи робитаҳои иҷтимоии қавӣ ва хешовандӣ ва издивоҷ байни аҳли байт ва саҳоба аст. Ҳамон тавре, ки мебинед, Ҳафса духтари Муҳаммади Дибоҷ набераи Абӯбакр, Умар, Усмон, Алӣ, Талҳа ва Зубайр мебошад, ки робитаҳои қавии иҷтимоӣ ва хешовандӣ аҳли байт ва саҳобаро таъкид мекунад.

Бобоҳои Ҳафса аз даҳ ёри биҳиштӣ — Робитаи издивоҷ — Робитаи падар ва фарзандӣ

Мароҷеъ:
Ал муҳаббар (Ибни Ҳабиб 1\404)
Ал мудҳиш (Ибни Ҷавзӣ саҳ. 69)
Ал ҷавҳарату фи насабин набиййи вал ашарати (Баррӣ 1\273)
Маъориф (Ибни Қутайба саҳ. 200)
Шарҳи наҳҷул балоға (Ибни Абулҳадид 15.266)

## НАМУНАИ ҲАБДАҲУМ

### Ҳафса духтари Муҳаммади Дебоҷ набераи хулафои рошидин ва Талҳаву Зубайр аст

Баъд аз гузашти 150 сол ҳанӯз хам миёни наберaҳои Аҳли байт ва саҳобаи киром робита ва ҳамбастагӣ барқарор буд. Далел барои ин иддио ҳамин намуна аст: Ҳафса духтари Муҳаммади Дебоҷ ибни Абдуллоҳи Мутарраф ибни Амр ибни Усмон ибни Аффон аст.

Ҳафса аз ҷиҳатҳои гуногун духтари Паёмбар (с) Абӯбакр, Умар, Усмон, Алӣ, Талҳа ва Зубайр мебошад:

– Модари эшон Хадиҷа духтари Усмон ибни Урва ибни Зубайр аст.

– Модари Урва Асмо духтари Абӯбакр аст.

– Модари Муҳаммади Дебоҷ Фотима духтари Ҳусайн Ибни Алӣ аст.

–Модари Фотима духтари Ҳусайн, Умми Исҳоқ духтари Талҳа ибни Убайдуллоҳ аст.

– Модари Абдуллоҳ ибни Амр ибни Усмон, Ҳафса духтари Абдуллоҳ ибни Умар аст. Ҳафса ба Зайнаб духтари Умар низ шӯҳрат дошт.

Хонандаи гиромӣ! Оё ин ҳамбастагии хонаводагии аҷиб ва шигифтангезро тасаввур мекардӣ? Бубинед, ки фарзандони Аҳли байт ва саҳоба чӣ гуна аз ҳар гуна ихтилофе гузашт кардаанд.

# Ҳамсарони Паёмбар (с) модарони мӯъминонанд.




Ин силсиланасаб дар ҳама китобҳои таърих, тароҷим ва сираи алоқаманд ба ин мавзӯъ зикр шудааст. Ба ғайр аз Ҷувайрия бинти Ҳорис, ки дар бораи вай ихтилоф аст, ки аз Қаҳтон аст ё аз Қамъа ибни Илёс ибни Музар аз Аднон, вале аксари муаррихон назари аввалро эътиқод мекунанд.

Ҳамсарони Паёмбар (с)

Падар ва бобоҳои Паёмбар (с)

Робитаи бевосита байни падар ва фарзанд

Робитаи падар ва фарзандии ғайримустақим (Байни яке аз бобоҳо

# НАМУНАИ ҲАЖДАҲУМ

## Ҳамсарони Паёмбар (с) Модарони мӯъминонанд

Акнун робитаи насабии ҳамсарони Паёмбар (с)ро бо хонадонашон мавриди баҳс қарор медиҳем. Дар ин намуна бо ёздаҳ ҳамсари Паёмбар (с) ошноӣ пайдо мекунед, ки номҳояшон тибқи қаробати насабии онҳо бо Паёмбар (с) мураттаб шуда аст:

1.Аз миёни ҳамсарони Паёмбар (с) Ҷувайрия духтари Ҳориси Мусталақия хориҷ аз силсилаи насаби Паёмбар (с) аст. Зеро бино ба қавли роҷеҳ эшон аз қабилаи "Қаҳтон" аст ва ҳамчунин Сафия духтари Ҳуяй ибни Ахтаб низ ҷудо аз он силсила мебошанд. Чун ӯ ҳам набераи Исҳоқ ибни Иброҳими Халилуллоҳ аст.

2.Ба ғайр аз Хадиҷа ва Зайнаб духтари Хузайма ҳамаи ҳамсарони Паёмбар (с) баъд аз Паёмбар (с) вафот карданд.

3.Ҳамаи онҳо дар қабристони "Бақеъ" дафн шуданд. Ҷуз Хадиҷа, ки дар "Ҳуҷун"– и Макка ва Маймуна, ки дар "Сарф" дар ба хок супорида шуданд.

4.Баъд аз вафоти Паёмбар (с) Зайнаб духтари Ҷаҳш дар соли 20 қабл аз ҳама ҳамсарони Паёмбар (с) ба эшон пайваст. Зайнаб бо Паёмбар (с) аз тариқи модараш (Умайма духтари Абдулмутталиб, аммаи Паёмбар (с)) робитаи насабӣ дошт.

5.Адади ҳадисҳое, ки ба воситаи баъзе аз занҳои Паёмбар (с) ривоят шуда аст, ба шарҳи зер аст:

Оиша 2210, Умми салама 378, Маймуна 78, Умми ҳабиба 65, Ҳафса 60, Зайнаб бинти Ҷахш 11, Сафия 10, Ҷувайрия 7 ва Савда 5.

6.Аз миёни ҳамсарони Паёмбар (с) танҳо ҳазрати Оиша дӯшиза будааст.

7.Умми Салама дар соли 61 ҳиҷрӣ баъд аз ҳамаи ҳамсарони Паёмбар (с) вафот кард. Ин чунин Маймуна низ охирин ҳамсаре буд, ки Паёмбар (с) бо ӯ васлат намуд.

Ин силсиланасаби Модарони мӯъминон буд, ки насаби мубораки онҳо бо насаби шарифи Паёмбар (с) дар робита буд.


Дӯстӣ ва хешовандӣ миёни
аҳли байт ва саҳоба
Хешовандии
даҳ ёри биҳиштӣ бо Паёмбар (с)
Муҳаммад
(саллаллоҳу алайҳи ва саллам)
Иброҳим
(алайҳис салом)
Алӣ Абӯсибтайн (р)
Усмон Зиннурайн (р)
Зубайр Ҳаворӣ (р)
Абдурраҳмон Соҳиби Шӯро (р)
Саъд Тағои Паёмбар (с) (р)
Абӯбакр Сиддиқ (р)
Талҳа Файёз (р)
Умар Форуқ (р)
Саид Даҳумин ёри биҳиштӣ (р)
Абӯубайда Амини уммат (р)
Ибни Абӯтолиб
Ибни Аффон
Ибни Аввом
Ибни Авф
Ибни Молик (Абуваққос)
Ибни Усмон (р)
Ибни Убайдуллоҳ
Ибни Хаттоб
Ибни Зайд
Ибни Абдуллоҳ
Абдуллоҳ
Абдулмутталиб
Ҳошим
Абдуманоф
Қусай
Килоб
Мурра
Каъб
Луай
Ғолиб
Фиҳр (Қурайш)
Молик
Назр
Қайс
Кинона
Хузайма
Мудрика
Илёс
Музар
Исмоил (алайҳис салом)
Абӯос
Умайя
Абдушамс
Ҳувайлид
Асад
Абдулуззо
Ҳорис
Зуҳра
Абд
Абдуавф
Абдуманоф
Уҳайб
Саъд
Тайм
Каъб
Омир
Амр
Усмон
Қирт
Ризоҳ
Адий
Амр
Нуфайл
Абдулуззо
Риёҳ
Абдуллоҳ
Ҳорис
Зубба
Ҳилол
Уҳайб
Чаррох
Яке аз даҳ ёри биҳиштӣ
Яке аз бобоёни Паёмбар
Робитаи падар ва фарзандӣ
Бобои даҳуми Музар
Ин силсиланасаб дар ҳамаи китобҳои таърих тарочим ва сираи хоси ин мавзӯъ мавҷуд аст.

# НАМУНАИ НУЗДАҲУМ

## Даҳ ёрӣ биҳиштӣ

Ин намуна дар бораи робитаи насаби шарифи Паёмбар (с) бо насаби даҳ ёрӣ биҳиштӣ аст. Лозим ба ёдоварист, ки ҳадисҳои зиёде дар хусуси биҳишти будани ин даҳ нафар ривоят шуда аст. Аз ҷумла он чӣ Абӯдовуд дар "Сунан"-и худ ривоят карда аст: Саид ибни Зайд баланд шуд ва гуфт: Гувоҳи медиҳам, ки аз Паёмбар (с) шунидам, ки мефармуд: "Даҳ нафар аз аҳли биҳиштанд: Паёмбар (с) дар биҳишт аст. Абӯбакр дар биҳишт аст. Умар дар биҳишт аст. Усмон дар биҳишт аст. Алӣ дар биҳишт аст. Талҳа дар биҳишт аст. Зубайр дар биҳишт аст. Саъд дар биҳишт аст. Абдурраҳмон дар биҳишт аст ва агар бихоҳам метавонам нафари даҳумро низ ном бубарам. Саид мегӯяд: Саҳоба ду мартаба паи ҳам гуфтанд вай кист? Паёмбар (с) гуфт: Саид ибни Зайд аст.

Акнун ба нукоти зер таваҷҷӯҳ кунед:

1.Онҳо ҳамон гуна, ки дар даъвати исломӣ ба Паёмбар (с) наздик буданд, дар насаб низ бо ӯ наздикӣ доштанд.

2.Исмоил ибни Иброҳими Халилуллоҳ бобои ин даҳ нафар мебошад.

3.Ҳар гуна бадгӯӣ дар хусуси яке аз онҳо бадгӯӣ дар ҳаққи насаб ва дудмони Паёмбар (с) аст.

4.Аз миёни ин даҳ нафар Саъд ва Абдурраҳмон аз қабилаи "Бани Зуҳра" (тағоҳои Паёмбар (с)) ҳастанд.

5.Ва Абӯбакри Сиддиқ ва писари амакаш Талҳа аз қабилаи "Бани Тайм" ҳастанд.

6.Умар ва Саид ибни Зайд низ амакбачаҳо аз қабилаи "Бани Адӣ" мебошанд.

7.Аз миёни ин даҳ нафар танҳо падари Абӯбакри Сиддиқ ислом овард.

8.Халифаҳои чаҳоргона ва шаш нафари "Аҳли Шӯро" ҳамон касоне ҳастанд, ки башорати биҳиштро дарёфт карданд.

9.Абӯбакр пеш аз ҳама ва Саъд ибни Абиваққос баъд аз ҳама вафот карданд.

10. Умар, Усмон, Алӣ, Талҳа, Зубайр ҳамагӣ шаҳид шуданд.

11.Даҳ ёрӣ биҳиштӣ аз "аҳли Бадр" ҳастанд. Ба ҷуз Усмон ҳамаи онҳо аз "аҳли Байъати Ризвон" низ буданд. Лозим ба ёдоварист, ки "Байъати Ризвон" ба хотири Усмон баргузор шуд.


Дӯстӣ ва хешовандӣ миёни аҳли байт ва саҳоба
Футуҳоти давлати исломӣ то охири давраи хулафои рошидин разияллоҳу анҳум.
Аврупо
Рум
Константинопол
Сардиния
Аммурия
Ҳирақла
Қиртоҷа
Савилия
Қайрувон
Субайтила
Абдуллоҳ ибни Абӯсарҳ, Уқба ибни Нофеъи Фехрӣ (разияллоҳу анҳум)
Тароблус
Абдуллоҳ ибни Абӯсарҳ, Уқба ибни Нофеъи Фехрӣ (разияллоҳу анҳум)
Бурқа
Баҳри миёназамин
Қипр
Муовия ибни Абӯсуфён, Абдуллоҳ ибни Абӯсарҳ (разияллоҳу анҳум)
Димишқ
Искандария
Қудс
Фустот
Амр ибни Ос (р)
Миср
Африқо
Изоб
Абдуллоҳ ибни Абӯсарҳ, Уқба ибни Нофеъи Фехрӣ (разияллоҳу анҳум)
Судон
Дарёи Нил
Арманистон
Озарбойҷон
Уқба ибни Фарқад, Валид ибни Уқба (разияллоҳу анҳум)
Дарёи хазар (Қазвин)
Тумайса
Саид ибни Ос (р)
Гургон
Табаристон
Қумис
Шом
Ҳарӯро
Куфа
Саъд ибни Абӯваққос, Мусанно ибни Ҳориса, Ҳузайфа ибни Ямон, Нӯъмон ибни Муқаррин, Абӯмӯсо Ашъарӣ, Холид ибни Валид, Абӯубайд Сақафӣ (разияллоҳу анҳум)
Абӯубайда ибни Ҷарроҳ, Холид ибни Валид, Шарҳабил ибни Ҳасана, Язид ибни Абӯсуфён, Амр ибни Ос (разияллоҳу анҳум)
Басра
Кобул
Осиё
Малтон
Алӣ ибни Абӯтолиб лашкареро ба фармондеҳии Ҳорис ибни Мурраи Абдӣ барои ҷанги Синд фиристод
Сарзамини Синд
Ҳинд
Халиҷи ислом
Мадина
Макка
Уммон
Баҳри Сурх
НИМҶАЗИРАИ АРАБ
Яман
Санъо
Баҳри араб
Зайлаъ
Ба тавҳид боз гардонидани нимҷазира баъд аз воқеаи иртидод ба воситаи ҳазрати Абӯбакри Сиддиқ (р)
Футуҳот дар давраи хилофати Абӯбакр (р)
Футуҳот дар давраи хилофати Умар (р)
Футуҳот дар давраи хилофати Усмон (р)
Ин ҷанг дар давраи хилофати ҳазрати Алӣ (р) поён ёфт.
Фармондеҳони ҷангҳо
Ҳасан, Ҳусайн, Ибни Умар, Ибни Аббос, Ибни Зубайр, Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос дар ин ҷангҳо ширкат доштанд.
Ин пирӯзиҳо ба сурати мутавотир (паёпай) дар кутуби таърих зикр шуда аст.
Мароҷеъи зерин аз муҳимтарини онҳост:
– Таърихи табарӣ
– Таърихи ислом (Заҳабӣ)
– Ал-бидоя ван-ниҳоя (Ибни Касир)
– Ал-комилу фит-таърих (Ибни Касир)
– Ал-мунтазам (Ибни Ҷавзӣ)
– Муруҷуз заҳаб (Масъудӣ)
– Таърихи яъқубӣ

## НАМУНАИ БИСТУМ

### Давлати исломӣ то поёни асри Хулафои Рошидин

Ин нақша баёнгари вусъати футуҳоти Хулафони Рошидин ва бо тези васеъшавии давлати исломӣ дар давоми 30 сол аст. Лозим ба ёдоварист, ки миллатҳои сарзамини фатҳшуда, ислом ва забони онро пазируфтанд ва ҳамроҳи мусалмонон барои фатҳи соири нуқтаҳои ҷаҳон ба майдони набард қадам гузоштанд. Аҳли байт ва саҳобаи киром пеш аз фатҳи сарзаминҳо ва шаҳрҳои ҷаҳон дилҳои сокинони онҳоро фатҳ мекарданд.

Шумо метавонед василаҳои ҷангӣ ва сайру сафар дар он асру замонро тасаввур кунед ва сипас онро ба ҳаҷм ва андозаи футуҳоти исломӣ муқоиса кунед, то ба мизони ихлос ва шуҷоати Аҳли байт ва Саҳоба ва ёрии Худованд барои онон ва мисдоқи ояи зер пай бибаред, ки Худованд мефармояд:

"Агар (дини) худоро ёрӣ кунед, Худо шуморо ёрӣ мекунад (ва бар душманонатон пирӯз мегардонад) ва қадамҳоятонро устувор нигоҳ медорад (ва кору боратонро истикрор мебахшад)".

Ин нақша ҳамчунон аз номи теъдоди зиёде аз саҳобаҳои фармондеҳ дар футуҳоти исломӣ парда бармедорад, ки барои таблиғи дин ва ёри расонӣ ба шариати Худо нуқтаҳои мухталифе аз шарқу ғарбро паймуданд.

Инак намунае аз Аҳли байти Паёмбар (с), ки дар асари футуҳот роҳии диёри ғурбат шуданд: Ибни Абдулбарри Андалусӣ мегӯяд:

Қабрҳои ҳеҷ қабилае ба андозаи қабрҳои Бани Аббос аз ҳам дур нагаштаанд, зеро модарашон (Уммул Фазл) онҳоро дар як манзил ба дунё овард, аммо Фазл дар "Аҷнодин" шаҳид шуд. Маъбад ва Абдурраҳмон дар Африқо мурданд. Абдуллоҳ ибни Аббос дар Тоиф, Убайдуллоҳ ибни Аббос дар Яман ва Қусам дар Самарқанд вафот карданд ва Касир дар Янбуъ бар асари бемории ҷон супурд.

Ҳамон гуна, ки аз нақша пайдост, Ҳасан, Ҳусайн, Абдуллоҳ ибни Умар, Абдуллоҳ ибни Аббос, Абдуллоҳ ибни Зубайр, Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос дар соли 30 ҳиҷрӣ барои фатҳи Гургон ва Тумайса дар шарқ ва дар соли 26 барои фатҳи Африқо ва Субайтила дар ғарб ҳамроҳи соири саҳоба ширкат карданд.


Хамсарони Паёмбар (с)
модарони мўъминонанд.
Духтарони Паёмбар (с)
Муҳаммад Боқир
Муҳаммад (с)
Ҳусайн (р)